# АРТИШ – МАКТАБИ ШУҶОАТ ВА ҶАСОРАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 1-2 (163-164) 23-ЮМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2022, ЧОРШАНБЕ



**Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва дастовардҳои таърихии он – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон, ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, таъмини амнияти давлат ва осоиши ҷомеа саҳми басо арзишманд доранд.**

**Афсарону сарбозони ватандӯст ва бонангу номуси мо дар давраи бисёр мураккабу вазнин вазифаи таърихии худро дар назди Ватан, давлат ва халқи Тоҷикистон содиқона ва ҷавонмардона иҷро карданд.**

**Мардуми шарифи Тоҷикистон хизматҳои таърихии фарзандони далеру шуҷои худро ҳамеша пос медоранд ва хотираи ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пойдории сулҳу субот, ҳимояи марзу буми Ватан ва ҳифзи зиндагии орому осудаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳаргиз фаромӯш намекунанд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Куканов А.З.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.**
Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.**
академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ



Санаи 16-уми феврали соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ташаббуси кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.

Дар кори он намояндаи раёсати донишгоҳ, садорати факултет, устодону кормандон, магистрантону докторантон, олимони соҳа, намояндагони мақомоти давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аспирантону унвонҷӯён ва васоити ахбори омма иштирок доштанд.

Декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. зимни ироаи аввалсухани худ нахуст ҳузури мубораки меҳмонон ва аҳли нишастро хайру мақдам гуфта, сипас ба аҳамият ва зарурияти мавзӯи матраҳшаванда, ки ба рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида буд, ишора намуданд ва ба масъулин барои гузаронидани чунин ҳамоиши илмии сатҳи баланд изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд. Қайд гардид, ки воқеан нақши фаъолияти оператвӣ-ҷустуҷӯӣ дар пешгирии ҷинояткорӣ, сифатан кам гаштани ҷиноятҳо дар мамлакат, ошкор намудани ҷиноятҳои латентӣ ва дастгир намудани ҷинояткорони касбию фаромиллӣ босазо



дониста мешавад. Чунки аз таҳлили таҷрибаи судӣ ва андешаҳои олимон бармеояд, ки зиёда аз 90 фисади ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин маҳз тавассути ба амал баровардани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯи ошкор карда мешаванд.

Сипас, аз рӯи барномаи кории конференсия баромадкунандаҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъҳои худ маърӯзаҳо қироат карданд. Маърӯзачиён зимни баромадҳои худ ба аҳамият ва мубрамияти мавзӯи баррасишаванда андешаҳои судманд баён намуда, дурнамои онро барои чанд соли дар пеш истода муайян намуданд.

**Таҳияи**
**Мирали СОБИРОВ**

# ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ: ПАЙДОИШ, МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ МУҚОВИМАТ БА ОН

Нимаи аввали рӯзи 26 январи соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия дар мавзӯи «Экстремизм ва терроризм: пайдоиш, мушкилот ва роҳҳои муқовимат ба он» дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар баргузор гардид.

Дар кори он роҳбарияти факултет, устодону кормандон, олимони соҳа, докторантон, аспирантону унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯён иштирок доштанд.

Семинарро декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, зимни ироаи аввалсухани худ нахуст ҳузури



мубораки меҳмонон ва аҳли нишастро хайру мақдам гуфта, сипас ба аҳамият ва зарурияти мавзӯи матраҳшаванда, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардa, доғи рӯз гаштааст ишора намуданд. Қайд гардид, ки дар шароити имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳон экстремизму терроризм яке аз мушкилотҳои муҳимми башарият дониста шуда, аз худ паи нек намегузорад. Ҳар ҷой ва маконе, ки экстремизму терроризм лона мекунад, доғи нестуву харобкорӣ, зулмот ва торикӣ фарогир мешавад. Бинобар ин, маҳз пайравӣ ба рафтору кирдор ва амалҳои некбинонаи Пешвои миллат миллат ва мардуми мора аз ин вартаи ҷаҳолат наҷод медиҳад.

Сипас, аз рӯи барномаи кории семинари илмӣ баромадкунандаҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъҳои худ маърӯзаҳо қироат карданд.

Ҳамин тариқ, дар кори семинари илмии мазкур табодули афкори судманд миёни маърӯзачиён ва аҳли нишаст доир гашта, таклифу тавсияҳо ва пешниҳодҳои судманд ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ дар самти пешгирии кирдорҳои номатлуб, аз қабили экстремизму терорризм ироа гардид.

Изҳори умед карда шуд, ки натиҷаҳои ин ҳамоиши илмӣ барои такмили низоми ҳуқуқии кишвар аз ҳар ҷиҳат муфид ва самарабахш хоҳад буд.

**Таҳияи**
**Эмомалӣ МИРАЛӢ**



# МУЖДАГОНӢ

Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад. Дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат пайваста бо дарки баланди масъулият ва ифтихори ватандорӣ баҳри таҳкими волоияти қонун, иҷобати адолати иҷтимоӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ гомҳои устувор мегузоранд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр санаи 4 январи соли 2022 ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Азимова Зебоҷон Муродалиевна дар мавзӯи “Санадҳои корпоративӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи ҳуқуқии умуминазариявӣ” ва ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ Амренова Шогуна дар мавзӯи “Проблемаҳои шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” рисолаҳои номзадии худро сарбаландона дифоъ намуданд.

Аз ин рӯ, садорат, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Азимова З.М. ва Амренова Ш.-ро ба ин дастовардашон аз самими қалб муборакбодӣ



намуда, ба онҳо рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро баҳри пешбари илми тоҷик таманно менамоянд.

**Таҳияи**
**Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА**

# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН – КОХИ МУҲТАШАМИ ИЛМУ МАЪРИФАТ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кохи боҳашами илму маърифат аст, ки аз замони таъсисёбӣ то имрӯз ҳазорон фарзандони содиқ ба халқу миллатро ба воя расонида, бахри оромиву ободӣ ва муаррифии Тоҷикистони азиз саҳми арзандаи худро гузоштаву хизмати софдилона намуда истодаанд.

Бо супориши роҳбарияти ДМТ аз ҷониби ҳайати устодону кормандони факултет ҷиҳати тарғибу ташвиқи зарфиату комёбӣ ва муваффақияту ҳамкориҳои байналмилалии ин боргоҳи хирад дар байни хонандагону муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи кишвар суҳбат вохӯриҳо анҷом дода шуд.

Дар суҳбат вохӯриҳои мазкур доир ба иқтидору ҳастӣ ва ҳамкориҳои ДМТ бо донишгоҳу донишкадаҳои хориҷи кишвар сухан ронда шуд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки ДМТ дар зарфи зиёда аз 70 соли фаъолияти худ тавонист барои бозори меҳнати кишвар дар самтҳои алоҳида мутахассисони соҳибтаҷриба омода намояд, ки онҳо имрӯз дар вазифаҳои калидии давлат кору фаъолият намуда, Тоҷикистонро дар






сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд.

Дар натиҷаи ҳар як мулоқот хонандагону устодони муассисаҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти донишгоҳ саволҳо дода, пусуххҳои қаноатбахш гирифтанд. Инчунин, хонандагон умед бар он доштанд, ки рӯзе онҳо низ дар баробари ҳазорон нафар номи пуршарафи донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соҳиб мешаванд ва барои давлату миллати худ ҳамчун мутахассиси соҳибкасб омода шудаву хизмат менамоянд.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**



# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ САРМОЯГУЗОРӢ



Таърихи 18 феврали соли 2022 бо ибтикори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Бавуҷудой ва рушди қонунгузории сармоягузорӣ дар ҶТ» бахшида ба ёдбуди доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бозоров Раҷаб Бойназарович баргузор гардид.

Зимни ифтитоҳи ҳамоиши илмӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. зикр намуданд, ки дар шароити имруза зарурати такмили қонунгузории сармоягузорӣ ба миён омадааст, чунки воқеан соҳаи мазкур барои рушди дигар самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, баргузор намудани чунин ҳамоиши илмӣ ба мақсад мувофиқ буда, дар рушди қонунгузории сармоягузорӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Баъдан, мутобиқи барномаи корӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни соҳаи сармоягузорӣ маърузачиён андешаҳои худро ироа намуданд.

Ҳамин тавр, дар фарҷоми ҳамоиши мазкур аз ҷониби иштирокчиён хулоса ва таклифу тавсияҳои судманди илмӣ ҷиҳати такмили қонунгузории соҳа пешниҳод гардид.

**Таҳияи**
**Азимҷон ҶУРАЕВ**

# ПИРӮЗИИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ ДАР ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Аз санаи 1 то 30 сентябри соли 2021 Институти байналмилалии мониторинги рушди демократияи (АБП ИДМ) ва шарикии ғайритиҷоратии «Маркази иттилоотӣ-таҳлилии «Авруосиё-Волга» Олимпиадаи II байналмилалии интернет-донишҷӯёнро дар байни донишҷӯёни донишкадаҳои олии давлатҳои иштирокчиёни АБП ИДМ зери унвони «Низоми интихоботии мамлакатҳои ҷаҳон» баргузор намуд.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро дар олимпиадаи мазкур донишҷӯёни факултет, аз қабили Ибрагимов Муҳаммад, Қаландаров Ромиш, Абдураҳмонзода Шамил, Низомов Мубориз, Қаландарова Динора, Одиназода Тоҷиддин, Ҳакимов Шерзод муаррифӣ намуданд.

Дар озмуни мазкур донишҷӯи соли 2 – Ибрагимов М.А. ғолиби озмун баромада, сазовори дипломи дараҷаи I, донишҷӯёни соли – 4 Қаландаров Р.Н., Абдураҳмонзода Ш. ва донишҷӯи соли 3 – Низомов М.С. сазовори дипломи дараҷаи II, донишҷӯи соли 4 –



Ҳакимов Ш.Ш., донишҷӯи соли 2 – Одиназода Т.Л. ва донишҷӯи соли 3 – Қаландарова Д. сазовори дипломи дараҷаи III гардиданд.

Зикр бояд намуд, ки ғолибону ҷоизадорони олимпиада метавонанд иштирокчиёни Мактаби байналмилалии парламентии ҷавонон бахшида ба 30-солагии ИДМ гарданд.

Аз ин рӯ, садорат, идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос”, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ донишҷӯёни мазкурро барои пирӯз гардиданашон дар ин озмуни сатҳи баланди байналмилалӣ самимона шодбош намуда, ба онҳо хониши хубу аъло ва муваффақиятҳои нав ба навро орзу доранд.



**Таҳияи**
**Умед МУРОДЗОДА**

# БОЗНИГАРИИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Санаи 29 декабри соли 2021 ҷаласаи навбатии Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ баргузор гардид.

Дар кори он зикр гардид, ки Шурои илмию методии факултет ҳамчун қисми таркибии сохтори факултет фаъолияти худро дар самти таъмини раванди таълим бо тавсияҳои судманди методӣ, боло бардоштани масъулияти омӯзгорон ҷиҳати беҳдошти сифати таълим, бознигарӣ ва тасдиқи барномаҳои таълимӣ, барномаҳои корӣ, силлабусҳо, билетҳои имтиҳонӣ, саволномаҳои тестӣ, саволномаҳои санҷишӣ, матни лексияҳо роҳандозӣ намуда, дар маҷмуъ бахри боло рафтани мазмуну мундариҷаи машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ чораҳои мушаххас меандешад.

Ҳамчунин, дар рафти кори ҷаласа раиси Шурои имлию методии факултет, профессор Ғаюров Ш.К. ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти шуроро дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2021-2022 қаноатбахш арзёбӣ намуда, дар соли 2022 иҷрои як қатор вазифаҳои ҳалталабро, ки барои рушди сифати таълим нигаронида шудаанд, ироа намуд.



# НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ОИД БА ИҶРОИ ҚОНУНҲО



**ИЗАТУЛЛО МАҲМУДОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, дотсент**

**Дар шароити бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон таъмини реҷаи ягонаи қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд беш аз пеш аҳамияти аввалиндараҷаро пайдо менамояд.**

Тибқи талаботи м. 5 Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шуда давлат эътироф, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст. Ҳамзамон, бояд ёдрас намуд, ки тибқи муқаррароти б. 3 м. 14 Конститутсияи ҶТ маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. Бо назардошти он ки қисман фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таври ғайриошкоро амалӣ карда мешавад,




то андозае имконияти маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷой дорад. Дар иртибот ба ин масъала зарур аст, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахсӣ (м. 18), ҳимояи судӣ (м. 19), дахлнопазирии манзил (м. 22), махрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс (м. 23) ба таври дахлдор дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъмин карда шаванд.

## ФОҶ – ЯКЕ АЗ УСУЛҲОИ МУҲИММИ МУБОРИЗА БО ҶИНОЯТКОРӢ

Воқеан фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ яке аз усулҳои муҳими мубориза бо ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад. Ба назари мутахассисон инсоният то ҳанӯз аз фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дида усули самарабахши мубориза бо ҷинояткориро кашф накардааст. Ҳамасола тавассути амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҷаҳон зиёда аз 80-85 фисади ҷиноятҳо кушода мешаванд. Аз тарафи дигар тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ, гузашта ва имрӯзи давлатдорӣ нишон медиҳанд, он воқеан ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳдид мекунад.

Аз ин рӯ, бо назардошти эҳтимолияти калони маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ зарур аст, ки аз ҷониби фишангҳои муайян масъалаи қонунӣ, асоснокӣ ва мақсаднокии амалӣ шудани ин намуди фаъолият мавриди назорат қарор дода шаванд.

**Яке аз кафолатҳои муҳими таъмини қонуният ва риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти оперативӣ-ҷустӯҷуӣ ин ба амал баровардани назорати прокурорист.**

Назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои нави ҳуқуқӣ дар замони истиқлолияти давлатӣ зуҳур карда, ба яке аз соҳаҳои муҳим ва мустақили назорати прокурорӣ табдил ёфтааст. Назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун самти махсусгардонидашудаи ҳуқуқӣ-ташкилии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои предмет, вазифа, ваколат ва объекти махсуси назоратӣ мебошад.

Аввалин маротиба меъёр дар хусуси ба роҳ мондани назорати прокурорӣ дар моддаи 30 Қонуни ҶТ «Дар бораи додситонии ҶТ» аз 30 апрели соли 1992 мустаҳкам шуда буд. Маҳз аз ҳамин санади ҳуқуқӣ таърихи пайдоиш ва ташаккули ин соҳаи назорати прокурорӣ сарчашма мегирад.

**Мувофиқи муқаррароти моддаи 5 Қонуни амалкунандаи конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура - назорати иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.**

Ваколатҳои прокурорро дар ин самт м. 31 Қонуни конститутсионии Ҷт «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ва м.21 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» танзим менамоянд. Мувофиқи фармони Прокурори генералии ҶТ «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он»» аз 21 октябри соли 2015, № 5-219 назорат дар ин самт ба зиммаи муовини якум, муовинони Прокурори генералӣ, сардорони Раёсатҳои назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти прокуратура, назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовар, тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳим, муқовимат бо терроризм, экстремизм ва назорати иҷрои қонунҳо дар самти амнияти миллӣ, назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, назорати иҷрои қонунгузории нақлиёт ва гумрук, шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Прокуратураи генералӣ, Сарпрокуратураи ҳарбии ҶТ, прокурори ВМКБ, прокуророни вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, шаҳрҳо, ноҳияҳо, прокурорҳои ҳарбии гарнизонҳо, прокурори назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва муовинони онҳо вогузор шудааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 30 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз мавзӯҳои асосии предмети назорати прокурорӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи таҳлил ва омӯзиши Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» нишон медиҳад, ки дар он меъёрҳои мушаххас дар хусуси аз ҷониби прокурорҳо мусоидат намудан ба таъмини ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мустаҳкам шудааст. Аз ҷумла, чунин муқаррарот дар қисмҳои 2-5 ва 8 м. 5 Қонун пешбинӣ шудаанд.

Тибқи муқаррароти қ. 8 ҳамин модда дар сурати аз тарафи мақомоти (шахси мансабдори) амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вайрон намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мақомоти (шахси мансабдори) болоии амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, прокурор ё суд (судя) вазифадоранд мутобиқи қонунгузории ҶТ барои барқарор кардани ин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ ва ё ҷуброни зарари расонидашуда чораҳо андешанд.

Воқеан, бояд эътироф намуд, ки яке аз воситаҳои муҳим ва самарабахши пешгирӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ин мақсаднок ба роҳ мондани чорабиниҳо оперативӣ-ҷустуҷӯист. Муссалам аст, ки бе истифодаи дастовардҳои ин намуди фаъолият дар шароити кунунӣ ошкор намудани як қатор ҷиноятҳо назири одамкушӣ дар ҳолати номуайянӣ, ғасби гаравгон, одамрабоӣ, ҷиноятҳои мутташакил ва хусусияти коррупсионидошта, хариду фурӯши одамон, бандитизм, роҳзанӣ, гардиши ғариқонунии маводи нашъадор ва яроқи оташфишон имконнопазир аст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ содир намудани терроризми байналмилалӣ, ҷиноятҳои трансмиллӣ аз ҷониби равия ва гурӯҳҳои ифротгарову моҷароҷӯ ва муташаккили ҷиноятпеша, ки ба амнияти давлату асосҳои сохтори конститутсионӣ ва тамомияти арзии кишвар таҳдид мекунанд, ба ҳукми анъана даромадааст. Аз ин рӯ, танҳо дар натиҷаи мақсаднок ба роҳ мондани назорати прокурорӣ дар ин соҳа мо метавонем ба натиҷаҳои дилхоҳ дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ошкор намудани ҷиноятҳои вазнину махсусан вазнин муваффақ гардем. Назорати прокурорӣ яке аз омилҳои муҳими қонунӣ ба даст овардани вазифаҳои оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ баромад намуда, шахсони мансабдори мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-чустуҷӯиро аз истифодаи усулу амалҳои ғайриқонунӣ ва пешгирии сӯйистифодаи ваколатҳои хизматӣ боз медорад.

Хурсандибахш аст, ки дар даврони соҳибихтиёрии кишвар баррасии паҳлуҳои гуногуни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва нақши назорати прокурорӣ дар таъмини қонуният дар ин ҷода ба мавзӯҳои марказии таҳқиқотии илмии олимони тоҷик табдил ёфтааст. Ба андешаи Раҳимзода Р.Ҳ. маҳз мақомоти прокуратура ҳангоми ба амал баровардани назорати прокурорӣ ӯҳдадор аст барои бартараф намудани тамоми ҳолатҳои поймол ва вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни ба амалбарории сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат намуд. Ҳамзамон аз ҷони-

# ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

би як зумра олимону муҳаққиқони дигари тоҷик низ саҳми бевоситаи назорати прокурорӣ ҳамчун кафолати муҳими таъмини қонуният дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва роҳу усулҳои баланд бардоштани самаранокии он махсусан таъкид шудаанд.

Ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки чанд таклифу пешниҳодҳои худро ба мақсади такмили танзими ҳуқуқии назорати прокурорӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва баланд бардоштани самаранокии он дар ҷодаи таъмини қонуният ва беҳдошти риояи ҳуқуқу озодиҳои конститусионии шаҳрвандон пешниҳод намоем:

**1. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз лиҳози субъект, муҳлат, асосҳои ҳуқуқӣ, мавзӯи батанзимдарорӣ ва кафолатҳои риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ фарқ мекунад.** Аз ин рӯ, дар боби алоҳидаи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» (боби 4) мустаҳкам намудани соҳаи назорати иҷрои қонунҳо дар фаъолияти опративӣ-ҷустуҷӯӣ бо таҳқиқу татиши пешакӣ чандон мувофиқи мақсад нест. Таклиф менамоем, ки дар Қонуни зикршуда боби алоҳида ба соҳаи назорати иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бахшида шуда, дар доираи моддаҳои муайян мавзӯӣ назорат ва ваколати прокурор муайян карда шаванд.

**2. Моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» 17 номгӯи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро пешбинӣ намудааст.** Мувофиқи муқаррароти моддаи 8 Қонуни мазкур гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба махфияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, ҳамчунин ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро маҳдуд мекунанд, тибқи қарори асосноки мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дархости прокурори ваколатдор ва иҷозати судя амалӣ карда мешаванд. Аз мазмуни моддаи мазкур бар меояд, ки танҳо чор намуди чорабиниҳои оперативӣ-ҷӯстуҷӯи бо розигии прокурори ваколатдор гузаронида мешаванд. Агар воқеан масъалаи қонунӣ сурат гирифтани фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ мавзӯӣ назорати прокурорӣ бошад, пас мувофиқи мақсад аст, ки дигар чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар заминаи қабули қарорҳои дахлдор ба роҳ монда мешаванд (харидории санҷишии оперативӣ ва ё таҳвили назоратшавандаи ашё, мавод ва маҳсулоте, ки муомилоти озоди онҳо манъ аст ё гардиши онҳо маҳдуд аст, ҳамчунин эксперименти оперативӣ ё воридсозии оперативии шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳамчунин шахсоне, ки ба онҳо мусоидат мекунанд), бояд зери назорати прокурорҳои ваколатдор қарор дошта бошанд.

**3. Пешниҳод менамоем, ки аз қ. 3 м. 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ибораи:** «Маълумот дар бораи ташкил, тактика, усул ва воситаҳои амалӣ гардонидани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба мавзӯи назорати прокурорӣ дохил намешаванд» бардошта шуда ба ҳамин қисм ибораи зайл илова карда шавад: «Прокурор ҳуқуқ дорад нисбати шахсоне, ки дар асосҳои пинҳонӣ ҳамкорӣ мекунанд, маълумот талаб намояд, агар муайян намояд, ки ба чунин намуди ҳамкорӣ нафароне ҷалб шудаанд, ки тибқи қонун ҳуқуқ надоранд».

**4. Тибқи муқаррароти м. 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» дар ҳудуди ҶТ ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба воҳидҳои оперативии зерин дода мешавад:1)** мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) мақомоти мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; 4) мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; 5) мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; 6) мақомоти назорати маводи нашъаовари Ҷумҳурии Тоҷикистон; 7) Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 8) мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Натиҷаи таҳлили моддаи мазкур нишон медиҳад, ки ҳашт (8) мақомоти мустақили давлатӣ (ва ё сохторҳои ҷудогона) ҳуқуқи амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро доранд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки аз ҷониби воҳидҳои сохтории алоҳида ва мустақили мақомоти прокуратура масъалаи қонунӣ гузаронидани фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ мавриди назорати доимӣ қарор дода шаванд. Ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки аз ҳисоби ихтисори штатҳои кории дигар воҳидҳои сохторӣ дар Прокуратураи Генералӣ раёсат ва ё шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ таъсис дода шавад.

# ГУРӮҲБАНДИИ ШАХСОНИ БА МАҚОМОТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ КУМАКРАСОН



**Саймузафар ШАРИПОВ**
**муаллими калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, н.и.ҳ.**

**Ягона асоси ҷалби шахс ба иштирок дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ин зарурати объективист, ки аз принсипҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва меъёрҳои қонунгузорӣ бармеоянд ва онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ заруранд.**

Асоси ҳуқуқии кумаки шаҳрвандонро қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, қонунҳо дигар, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ташкил медиҳанд.

Ғайр аз шахсони мансабдор ва кормандони оперативӣ, шахсони дигари воқеӣ низ иштирокчиёни чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ буда метавонанд. Инҳо шаҳрвандоне мебошанд, ки дар тайёр намудан ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кумак мерасонанд) ширкат меварзанд; шахсоне, ки зимни чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ омӯхта (санҷида) шудаанд ва ҳифз мешаванд; инчунин субъектҳое, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро назорат ва контрол менамоянд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба шаҳрвандон расман имкони амалӣ намудани ҳуқуқҳои худро барои мусоидат намудан ба мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳалли масъалаҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ тавассути ҳамкорӣ бо дастгоҳҳои оперативии ин мақомот бо эътирофи зарурати иҷтимоӣ ва аҳамияти чунин ҳамкорӣ додааст. Аммо ин маънои дар ҳама ҳолатҳои ифодаи чунин хоҳиш аз ҷониби шахсони алоҳида татбиқи ҳатмии ҳуқуқи зикршударо надорад. Ҳалли ин масъала салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Бинобар ин, амалӣ гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон барои кумак расондан ба мақомоти корҳои дохилӣ дар татбиқи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танҳо бо розигии тарафайн имконпазир аст.



Шахсе, ки ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кумак мерасонад, ҳама гуна шахси мукаллафе ба шумор меравад, ки дар тайёр намудан ё гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷалб гардидааст. Яъне шахсе, ки ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (корманди оперативӣ) маълумот пешниҳод намудааст ё бо тарзи дигар дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иштирок намуда, дорои ваколатҳои дахлдор буда, таҳти ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ қарор гирифтааст, инчунин дар ҳолати вайрон намудани ухдадориҳои ба зиммагирифтааш, масъул мебошад.

Ҷалб намудан маънои ташвиқи шахсро ба иштирок дар татбиқи ЧОҶ дорад. Аз ин бармеояд, ки пеш аз ҳама, таклифи ҳамкорӣ бояд чун қоида аз ҷониби мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод гардад; дуюм (аз ҳама муҳимтарин) он аст, ки қарори ниҳоӣ дар бораи имкони ҷалб намудани шахс ба чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танҳо аз ҷониби мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (шахсони мансабдори он) қабул карда мешавад, на аз ҷониби шахси ҷалбгардида.

**Вобаста ба ҷанбаҳои гуногун шахсони ҷалбшударо ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо менамоянд:**

Аз рӯи дараҷаи иштирок дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба гуруҳҳои асосӣ (агент, шахси боваринок ва ғайра) ва ба гуруҳҳои иловагӣ (мутахассис, тарҷумон ва ғайра) ҷудо карда мешаванд.

Аз рӯи шакли кумак ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шахсони ҷалбшуда ба шахсоне ҷудо мешаванд, ки танҳо ғайриошкоро (агент), танҳо ошкоро (шахси эътимоднок, дружиначӣ ва ғайра) ва дар шакли омехта (мутахассис, тарҷумон ва дигарон) кумак мерасонанд.

Аз рӯи усулҳои (марҳилаҳои) ҷалбкунӣ ба шахсоне ҷудо карда мешаванд, ки чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро омода мекунанд ва ба шахсоне, ки бевосита дар татбиқи он ширкат меварзанд.

Аз рӯи давомнокии кумак (вобаста ба муҳлати ҳалли вазифаҳои мушаххаси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) кумаки якдафъаина, кумаки кутоҳмуддат (масалан, иштирок дар таъмини оперативӣ-ҷустуҷӯии баррасии парвандаи ҷиноятии мушаххас) ва ҳамкории дарозмуддат (чун қоида, агент) фарқ карда мешавад.

Кумаки шаҳрвандон ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонад ошкоро, ғайриошкоро ва беном (анонимӣ) низ бошад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки дар бештари мавридҳо ҷиноятҳои бо кумаки шахсоне, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кумак мерасонанд, ошкор карда мешавад. Махсусан, нақши шаҳрвандон дар ин самт назаррас дониста мешавад.



# ТАРАФДОРӢ АЗ ҶИНОЯТ, ОДАМИРО АЗ ХИРАДИ АЗАЛӢ ДУР МЕСОЗАД!

**Муҳаммадкарим ШАРИПОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

Миллати тоҷик аз қадимулайём халқи бофарҳанг ва худшиносу худогоҳ буд, ҳаст ва мемонад. Ҳамеша ин миллат дар муносибат бо тамоми миллатҳо ва халқиятҳои рӯи дунё муомилаи сулҳҷӯёнаро раво мебинад. Кишвари азизамон Тоҷикистон давлате мебошад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мешиносад ва ба расмият эътироф мекунад.

Дар тули соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, аксари ташаббусҳои мо дар соҳаи об аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои пешрафта мавриди қабул қарор гирифтанд. Аз ҷониби кишварамон тасдиқ гардидани санадҳои гуногуни байналмилалӣ, ба монанди паймонҳо ва конвенсияҳо дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташакил дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз зумраи ин гуфтахост. Бо итминони комил гуфта метавонем, ки имрӯз Тоҷикистон ба дастовардҳои беназир дар ҳама самтҳои хоҷагии халқ ноил гардида истодааст.

Амалҳое, ки вақтҳои охир дар яке аз вилоятҳои Тоҷикистони азиз, яъне ВМКБ аз ҷониби гурӯҳҳои тундрави ҷинояткор содир шуда истодаанд, бешубҳа, ба оромӣ, осоиштагӣ, сулҳу суботи ояндаи миллатамон, инчунин насли ояндасози мамлакат таъсири манфӣ мерасонад. Аз мушоҳидаҳо муайян гардид, ки имрӯз на ҳар кас ба қадри истиқлолият, сулҳу субот ва оромӣ мерасад. Бо вуҷуди ин қадар пешравӣ ва тарраққиёти давлати мо дар самти ҳимоя ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳимояи манфиатҳои тамоми қишри ҷомеаи азизамон мутаассифона имрӯзҳо баъзе афроди ноогоҳ аз илму адаб, фарҳанг ва маданият пайдо шудаанд, ки бо аъмоли бевиҷдонона ва ҷинояткоронаи худ мехоҳанд суботу оромии Тоҷикистони азизамон ва осоиштагии мардуми шарафманди тоҷикро ба таври дахлдор халалдор намоянд.

**Шахсони нопоку бевиҷдон ҷиноятҳои гуногунро содир намуда, барои пинҳон шудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо гурӯҳи муайяни мардумро, ки саводи кофӣ надоранд, истифода мебаранд.**

Чунин ҷинояткорон дарк наменамоянд, ки ҳар нафаре ҷиноят содир мекунад, ҳатман конунгузории ҶТ нисбат ба ӯ чораҳои дахлдори ҳуқуқиро татбиқ менамояд. Ба ибораи дигар гӯем, ҳар шаҳрванде, ки ҷиноят содир менамояд, сазовори ҷазо мегардад.

Воқеан, агар инсон як зарра ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дошта бошад, наметавонад ба ин ҳодисаҳо бетараф бошад, новобаста аз он ки шахс аз кадом манотиқи кишвар аст.

Аслан мардуми сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз аввали солҳои соҳибистиқлолии ватанамон бар зидди ҷиноятӣ ҷиноятқорӣ мубориза мебурданд. Имрӯз бошад, якчанд афроди ноогоҳ ба қадри Истиқлолият ва ин ҳама ободӣ, сулҳу субот нарасида истодаанд ва баъзе аз ашхоси ҷинояткорро дастгирӣ намуда, бахри пинҳон шудани онҳо шароит фароҳам оварда истодаанд, ки ин амали онҳо мувофиқи Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад. Зеро пинҳон кардани ҷинояткор худ ҷиноят аст.

**Нафаре, ки нисбати омӯзгор — роҳнамои ҷомеа ва ояндасози миллат кирдорҳои ношоистаро анҷом медиҳад, ҳатман бояд таҳти ҷавобгарӣ қарор гирад. Зеро ин кирдорҳои номатлуб ва нобахшиданӣ нуфузу манзалати омӯзгорро дар ҷомеа коста гардонида, инсониятро аз хиради азалӣ маҳрум месозад. Зеро маҳз омӯзгор — тарбиятгари ҷомеа аст, ки мо соҳибхирад, донишманд ва заковатманд гардида, барои рушди шахсият ва пешравиву тараққиёти Ватани азизамон талошҳои пайгироно анҷом медиҳем.**

Аз ин рӯ, ҳамчун як ҷавони ватандӯст аз тамоми мардуми шарафманди Бадахшон хоҳиш менамоям, ки барои таслим намудани афроди ҷинояткор ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвари азизамон тамоми саъю кӯшиши худро ба харҷ диҳанд ва дар оромӣ, рушду гул-гулшукуфоии на танҳо Бадахшон, балки тамоми Тоҷикистони азиз саҳми хешро гузоранд.



# ИЛМ ОДАМИРО БАҲРИ ЧӢ БА КОР ОЯД?



**Гулафзо ПИРОВА**
**магистри соли 1**

**Барои амали аклона ва аз ҷаҳони вухуш фарқ кардан одамиро илму дониш мебояд.**

Одамиро аз азал ноқису сода офариданд. Агар ба таърих назар афканем, инсонҳои аввалин барои қонеъ гардонидани талаботҳои худ ба шикор, моҳидорӣ, ҷамъ намудани набототу ҳайвонот ва дигар амалҳо машғул шуда, рӯзгори худро пеш мебурданд. Гузашти айём тақозо кард, ки инсоният илм омӯзад, дониш аз бар кунад, то ки ба пешрафту музаффарият ва рӯзгори беҳтару хубтар ноил гардад. Муҳаммад Ғазолӣ мефармояд: «Ғизо барои он лозим аст, ки тан халок нагардад, вале ғизои дил илм аст, маърифат аст».

Тахсили ҷавонон ва ба воя расонидани мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ яке аз ҳадафҳои асоситарини давлату ҳукумат ба шумор меравад. Дар ҳақиқат рисолати асосии мо ҷавонон донишомӯзӣ аст.

**Бояд гуфт ки худи илм чист? Дониш чист? Ва кӣ метавонад соҳиби ин неъмати бебаҳо бошад?**



Илм ин як неъмати бузург аст ва ин аст, ки Худованд омӯхтани илму донишро ба ҳар як шахс фарз гардонидааст. Илм як дарёи бекаронест, ки поён надорад. Судмандтарин кор аз бар намудани илму дониш аст. Рутбаи илм баландтарини рутбаҳост ва илм болотар аз ибодат аст.

**Илм, дониш, хирад равшангари зиндагист ва танҳо шахси оқилу фозил кодир аст, ки дар ҷомеа бо ақлу заковат, дониш, малака ва истеъдодаш ба мардум нафъе бирасонад, ҳамон тавре ки табиб давогари бемораш аст.**



Фикру ақида ва хулосабарории ҷавонони беилму дониш мисли колбадест, ки агар ба он ҳар чӣ ғаждиҳоеро андозем аз он пур мегардад ва маҳз ин сабаб мегардад, ки ҷавонони мо ба корҳои номатлуб даст бизананд.

Ҷавонони соҳибилму соҳибмаърифат, ки колбади ақли онҳо аз идроки солим ғанӣ гаштааст, дигар қобили қабули ҳеҷ як фикру ақидаи манфиро надорад.

Имрӯз дар давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои омӯзиши илму дониш ва мукаммал гардидани шахсият тамоми имкониятҳо шароит фароҳам оварда шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як паёму вохӯрии худ иброз медоранд, ки аз замони Истиқлолияти давлатӣ то ба имрӯз дар назди ҷавонон масъалаҳое қарор доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ҳаллу дарки он аз ҷавонон донишӣ амиқ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама ҳисси баланди миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва самимона дӯст доштани ватанро тақозо мекунад.

Боиси ифтихор аст, ки ҷаҳониён миллати моро пеш аз ҳама бо китобу хомааш мешиносанд. Осори беш аз ҳазорсола ва аз ин ҳам қадимтари илмиву таърихӣ ва фалсафиву адабии аз гузаштагонамон меросмонда саҳми бузурги миллати мо ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ мерасад. Маҳз ҳамин асолати деринаи расидан ба қадри китоб ва илму фарҳанг водор месозад, ки дар шароити имрӯза ба масъалаҳои омӯзиши илму дониш диққати ҷиддӣ дода, ба сатҳи баланди таълиму тарбия муваффақ шавем, то дар оянда ворисони номдори миллат ба воя расанд ва дар рушду нумуи кишвари азизамон саҳмгузор бошанд.

Барои он ки созанда бошем, барои он ки харобаҳоро ба оянда боқӣ намонем бояд илм омӯхт, дониш аз бар кард ва ғизои маънавӣ гирифт.

**Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,**
**Зи гуфтору кирдор беҳтар бувад.**

# ҲАМА САР БА САР ТАН БА КУШТАН ДИҲЕМ...



Зафар МАҶИДЗОДА
магистри соли 2

Чи гунае, ки ба ҳамагон маълум аст Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро қабул намуд ва ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ гардид. Гарчанде ки Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на бо роҳи мубориза ва ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ба даст омада бошад ҳам, барои пойдорӣ ва нигоҳдории он, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чи ҷоннисориҳое, ки ин халқ накарда бошад. Хусусан, хангоми ҷанги шаҳрвандӣ ё таҳмилие, ки болои сари ин миллат омада буд.

Ҷумҳурии Тоҷикситон баъди бартараф намудани оқибатҳо ва зарархое, ки аз ин буҳрони сиёсӣ дида буд, сиёсати дарҳои бозро пеша намуда, бо тамоми давлатҳои ҷаҳон муносибати дӯстонаро баркарор, бо баъзе давлатҳо, махсусан кишварҳои хамсоя муносибати дипломативу хамкориро ҷоннок намуд. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти тамоми давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад.

Халқи тоҷик аз қадимулайём халқи раиятпарвар, сулҳҷӯ, муттаҳид ва таҳаммулпазир буда, тамоми масъалаву муносибатҳоро байни ҳамсояҳои худ бо созиш ва эҳтироми байниҳамдигарӣ ҳал намудааст. Муттаҳидӣ ва сарҷамъии халқи тоҷик бори дигар дар пасманзари ҳодисаҳои охири марзие, ки байни ҳамсоякишвар рӯй дод, исботи худро ёфт ва сулҳҷӯӣ будани халқи тоҷикро тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавқеи ҷуғрофиаш дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ кишвари ҳаҷман хурд буда, худуди он тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад. Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии тамоми кишварҳо, махсусан ҷумҳуриҳои ҳамсояро эҳтиром менамояд.

**Ҳамагуна мушкилӣ ва масъалаҳое, ки вобаста ба марз, сарҳади давлатӣ ва ҳудуди давлатӣ ба миён меояд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, инчунин принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳал менамояд.**

Мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташвиқоти ҷанг манъ карда шудааст. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии онро вазифаи муқаддаси худ мешуморанд.

**Ҳамаи ин гуфтаҳоро ба назар гирифта, ҳар халқу давлате, ки ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ, тамомияти арзии ҷумҳурӣ мебароянд, бояд дарк намоянд, ки дониста бошанд ва гумон набаранд, ки “ҳар бешае холист” ...**



# ҲУДУДИ ДАВЛАТ – ТАҚСИМНАШАВАНДА

Дар ҳар давру замон яке аз нишонаҳои давлати мустақил доштани худуд ба шумор меравад, ки ҳамчун асоси доираи паҳншавии ҳокимияти давлатӣ хизмат мекунад. Марзи давлат нишонаи мустақилият, мухторият ва доштани худудест, ки аҳолии мамлакат дар он ҷой зиндагии орому осоишта мебарад.



Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дорои марзи алоҳидаи худ мебошад. Тибқи Конститутсияи ҶТ, қонунҳо ва санадҳои зерконунӣ ҳудуди мамлакат ҳудуде мебошад, ки дар он давлат ҳамчун ташкилоти мустақили ҳокимияти сиёсӣ фаъолият менамояд.

Ҳамчунин гуфтан мумкин аст, ки яке аз масъалаҳои баҳснок дар ҳар як кишвар ин муайян намудани марзи давлат ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун унсури асосии бехатарии кишвар ба шумор рафта, ҳифзи тамомияти он вазифаи асосии ҳар як шаҳрванд ба шумор меравад. Вобаста ба ин, дар моддаи 7 Конститутсияи ҶТ низ муйаян шудааст: «Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад...». Тақсимнопазирӣ ва дахлнопазирии ҳудуди давлат бо соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии он робитаи ҷудонопазир дорад. Дахлнопазирии ҳудуди давлат маънои онро дорад, ки ҳеҷ як давлат, шахси мансабдори дигар давлат наметавонад ҳудуди давлати моро аз они худ намояд. Аз нигоҳи дохилидавлатӣ бошад, тақсимнопазирии ҳудуди Тоҷикистон пеш аз ҳама, дар имконнопазирии ҳуқуқи гузашт кардани қисми ҳудуди давлат аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори он ба давлати дигар ифода меёбад.

Бинобар ин муҳиммияти хоси худ, дар моддаи 67 Конститутсияи ҶТ, ки ба савганди Президенти кишвар бахшида шудааст, яке аз вазифаҳои конститутсионии роҳбари давлат, кафили тамомияти арзии мамлакат будан, пешбинӣ шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чаҳор кишвари хамсоя – Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии исломии Афғонистон, Ҷумҳурии халқии Хитой ва Қирғизистон хамсарҳад мебошад.

**Дар шароити имрӯза, яке аз мушкилоти асосии мамлакат, ки боиси оқибатҳои ногувор гардида истодааст, ин масъалаи муайян намудани марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишвари ҳамсоя Қирғизистон аст. Тавре ки аз ВАО мушоҳида мешавад, халқи қирғиз бо ҷангу ҳархаша мехоҳад ҳудудҳои таърихан аҷдодии ватани моро аз худ намоянд, аммо дар ҳеҷ маврид ба ин нияти нобарори худ ноил намешаванд. Роҳи беҳтарини масъалаҳои марзӣ ин ба таври осоишта бартараф кардани мушкилот аст. Ва қайд намудан мумкин аст, ки раванди инкишофи таърих собит кардааст, ки миллати тоҷик ҳамеша рӯ ба ҳалли осоишта ва муросокориҳо меорад. Мо халқи ориёӣ на бо бадӣ, балки бо некӣ ҷавоб гардониданро афзал медонем.**

Аҷдодони мо - тоҷикон аз азал рӯ ба фарҳанг овардаанд ва аз ҷумлаи мардуми тамаддунофар ба ҳисоб рафта, худуди ҳеҷ давлатеро бо зӯрӣ нагирифтаанд.

**Таърих гувоҳаст, ки дар ҳеҷ замоне,**
**Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина,**
**Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидаст.**
**Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих,**
**Тоҷик зи роҳи хасаду ҷаҳлу таассуб,**
**Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидаст.**



Саидакбар ҚОДИРЗОДА
магистри соли 1

**Аз манфиатҳо, дастовардҳо, комёбиҳои худ қотеъона ҳимоя мекунем ва дар ҳеҷ маврид намегузорем, ки пои бегонае бар сарзамини мо нихода шавад.**

**Вобаста ба ин масъала, Пешвои миллат зикр намуданд, ки «дар 30-соли Истиқлолияти давлатӣ иваз кардани ҳудуди мамлакат ба ҳудуди мамлакати дигар вуҷуд надошт ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад».** Ин аз он далолат мекунад, ки халқи тоҷик сарваре дорад, ки дилсӯзи миллати хеш аст ва як каф хоки ватанашро аз кӯҳи тиллои дигар давлат боло медонад ва ҳамеша дар пайи ободонӣ ва гулгулшукуфоии Ватан аст.

# ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ

## ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ – ФАКУЛТЕТИ БЕҲТАРИН

Таърихи 11 январи соли 2022 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷаласаи васеи Шӯрои олимони донишгоҳ баргузор гардид, ки дар он аз натиҷаи фаъолияти яксолаи донишгоҳ ва устодону кормандони ин боргоҳи донишу хирад ба ҳозирин ҳисобот манзур карда шуд.

Ректори донишгоҳ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. дар аввалсухани худ аз натиҷаи фаъолияти яксолаи донишгоҳ ва устодону кормандони он ба аҳли нишаст хисобот дода, дар маҷмӯъ соли 2021-ро барои донишгоҳ соли бобарор ва аз ҳар ҷиҳат муфид эълом дошт.

## «ФУРУҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

Дар ҷаласаи мазкур дар баробари дигар масъалаҳои зарурӣ, ҳамчунин тибқи фармоиши ректори донишгоҳ ба ғолибони озмуни ҷумҳуриявии «Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст», ифтихорномаи донишгоҳ ва мукофотпулиҳо тақдим карда шуд.

Хотиррасон менамоем, ки дар озмуни болозикр аз факултети ҳуқуқшиносӣ ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Рустамзода Шукрона (ҷойи 3) ва донишҷӯи соли 2-юми ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқ)-и факултети ҳуқуқшиносӣ Ҳафиззода Насиба (ҷойи 2) иштирок намуда, ғолиб омаданд.

Дар ин баробар, бояд изҳор дошт, ки соли 2021 дар ДМТ «Соли рушди сифати таҳсилот» ба ҳисоб рафта, бо ин мақсад аз ҷониби шуъбаи назорати сифати таҳсилот озмун аз рӯи 4 номинатсия – «Факултети беҳтарин», «Кафедраи беҳтарин», «Омӯзгори беҳтарин» ва «Донишҷӯи сол» эълон гардида буд.

## ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ – ДОНИШҶӮИ СОЛ

Пас аз натиҷагирӣ ба сифати «Факултети беҳтарин» – факултети ҳуқуқшиносӣ ва ба сифати «Донишҷӯи сол» – Забиров Шоҳрух донишҷӯи соли 4-уми факултети ҳуқуқшиносӣ эълон гардиданд.

Маврид ба тазаккур аст, ки дар ҳамин замина 19-уми феврали соли 2022 ҷаласаи васеи факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид ва дар он дастоварду муваффақиятҳои факултет дар соли сипаришуда мавриди баррасӣ қарор гирифт. Қайд гардид, ки факултети ҳуқуқшиносӣ соли 2021-ро дар бахши таълиму тарбия, илм ва муносибатҳои байналмилалӣ бо дастовардҳои назаррас паси сар намуд, ки дар натиҷа аз ҷониби шуъбаи назорати сифати таҳсилот ҳамчун «Факултети беҳтарин» эътироф карда шуд. Расидан ба ин дастоварди беназир қабл аз ҳама, самараи заҳмату талошҳои шабонарӯзиву бесобиқаи устодону кормандони факултет зери роҳбарии декани факултет доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки факултети ҳуқуқшиносӣ сиёсати пешгирифтаи иҷтимоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамеша дастгирӣ намуда, дар самти кӯмак расонидан ба ятимону маъюбон пайваста тадбирандешӣ менамояд. Ҳамин аст, ки садорати факултети ҳуқуқшиносӣ маблағи аз ҳисоби «Факултети беҳтарин» бадастовардаашро, дар ҳаҷми 5000 сомонӣ ба ятимони кул ва маъюбони факултет ҳамчун як навъ кӯмаку ғамхорӣ тақдим намуд.

Дарвоқеъ, имрӯз факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад.

Дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат пайваста бо дарки баланди масъулият ва ифтихори ватандорӣ баҳри таҳкими волоияти қонун, иҷобати адолати иҷтимоӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ гомҳои устувор мегузоранд.

Дар ҷаласаи мазкур ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. иброз намуданд, ки раёсати донишгоҳ минбаъд низ чунин озмунҳоро дар байни сохторҳои мухталиф ба роҳ мемонад, ки мақсад аз он баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, беҳтар намудани сифати таҳсилот ва рушди илми ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Пирӯзӣ ва муваффақияти навбатӣ мояи шарафмандӣ буда, онро ба устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ сидқан шодбош гуфта, умед менамоем, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ нуфуз ва манзалати худро садсолаҳои оянда низ побарҷо нигоҳ медорад.

**Таҳияи Айниддини ЗАЙНИДДИН**
















# – ФАКУЛТЕТИ БЕҲТАРИН















# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ТАҲКИМИ НИЗОМИ СУДӢ



**Далер РАҲМОН**
**судяи суди ноҳияи Синои ш.Душанбе**

Конститутсияи ҶТ 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бевосита аз ҷониби шаҳрвандони ҶТ қабул карда шуд. Кафили ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд будани Конститутсия дар он зоҳир мегардад, ки Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Бори нахуст дар моддаи 9 Конститутсия ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф карда шуд. Маҳз дар ин санади олии ҳуқуқӣ ба ҳар як шохаи ҳокимият дар доираи ваколатҳои пешбининамуда вазифаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон вогузор карда шуда, нишонаи олии он ин ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Дар боби 8 Конститутсия бошад, вазифа, ваколат, принсипҳои фаъолият, талаботҳо оид ба таъин ва интихоб шудани судяҳо, низоми судӣ мушаххас гардонида шуданд.

Қобили зикр аст, ки масъалаи инкишофу пешрафти низоми судӣ, таъмини мустақилияту шаффофияти фаъолияти судҳо дар Тоҷикистон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат қарор дорад. Аз ин рӯ, яке аз мавзуъҳои асосии Паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии ҶТ ин масъалаи давра ба давра тақвият додани фаъолияти ҳокимияти судӣ ва дар ин замина таҳия ва қабул намудани барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Бояд қайд карда, ки дар шароити имрӯза ба масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ аҳамияти хосса зоҳир гардида, он мавзӯи асосии аксарияти конференсияву ҳаммоишҳои илмиро ташкил дода, дар доираҳои илмӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ андешаҳои созгор дар ин самт иброз мегардад.

Яке аз давраҳои ниҳоят муҳим барои рушди ҳокимияти судӣ дар кишвар ин ислоҳоти конститутсионӣ дар соли 2016 ба ҳисоб меравад. Санаи мазкур, яъне 22 майи соли 2016 дар ҶТ ба мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ раъйпурсии умумихалқӣ баргузор гардид. Дар заминаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ баъзе аз меъёрҳои нави ҳуқуқие мустаҳкам шуданд, ки зарурати аз нав бознигарӣ кардани падидаҳои марбут ба низом, сохтор ва ҳокимияти судии кишварро асос гузоштанд. Аз ҷумла, мувофиқи тағйиротҳои воридшуда аз моддаи 69 Конститутсия банди 12 хориҷ карда шуда, ҳамзамон як қатор навгониҳо ба боби 8, ки "Суд" ном дорад, ворид карда шуд. Дар асоси тағйиротҳое, ки ба моддаи 86 Конститутсия ворид карда шуд, минбаъд судяҳои суди ҳарбӣ, судяҳои суди ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳои Суди иқтисодии ВМКБ, вилоят ва шаҳри Душанбе бо тартиби муқарраркардаи қонуни конститутсионӣ ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд.

Гузашта аз санаи 9 июни соли 2016 дар заминаи тағйироти ба Конститутсия воридкардашуда аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳо «Дар бораи барҳам додани Шурои адлияи ҶТ», Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ ба имзо расид. Фармонҳои мазкур ҷиҳати дар амал татбиқ намудани муқарраротҳои наве, ки дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи ҶТ вобаста ба ислоҳоти судии кишвар ворид карда шудаанд, равона гардидаанд.

Тибқи фармонҳои мазкур масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои адлия дахл доштанд, минбаъд дар доираи ислоҳоти сохторӣ мутаносибан ба зиммаи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор мегарданд. Дар ҳамин замина, ба Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи судҳои ҶТ" тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, он ба мазмуну муқаррароти Конститутсияи ҶТ, санадҳои байналмилалии пазируфтаи Тоҷикистон, фармонҳои Президенти ҶТ «Дар бораи барҳам додани Шурои адлияи ҶТ», Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ мувофиқ гардонида шуд. Мувофиқи тағйиротҳои воридшуда тамоми масъалаҳои вобаста ба ташкили фаъолияти мақомоти судӣ, таъмини моддию техникии ин сохтор, таъминоти кадрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони судҳо, назорати судӣ аз болои фаъолияти судҳо, ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунҳо аз ҷониби Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд.

Ҳамин тавр, бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки дар шароити имрӯза ҳокимияти судӣ ба таври зарурӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба амал бароварда, барои пешгирии ҷиноятҳо ва таъмини осоиштагии мардуми мамлакат нақши созгор мегузорад.

# СИЁСАТИ ДУРБИНОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Санаи 21 декабри соли 2021 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ ироа гардид. Кормандони дастгоҳи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо як ихлосу аҳсанофарин аз оинаи нилгун худи ҳамон рӯз дидан намуда, онро сармашқи кору фаъолият хеш қарор додаанд. Пешвои миллат дар Паёми худ зикр намуданд, ки мақомоти судӣ бояд вазифаҳои хизматиашонро бо масъулияти баланди касбӣ иҷро карда, баррасии саривақтӣ, ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаҳои судиро ба роҳ монда, қарорҳои қонуниву асоснок қабул намоянд ва ба ин васила ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро таъмин созанд.

Мувофиқи моддаи 14 Конститутсия ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян намуда, тавассути ҳокимияти судӣ ҳифз мегарданд. Ҳамин тавр, ҳокимияти судӣ низ ҳамчун навъи мустақили ҳокимияти давлатӣ мувофиқи моддаи 84 Конститутсия бо мақсади ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисиҳо ва қонунияту адолат масъул аст.

Таҷрибаи таърихӣ гувоҳӣ медиҳад, ки мурофиаи судӣ ягона шакли муқаррар намудани ҳақиқати воқеӣ ва беҳтарин роҳи ҳалли ҳар гуна мунокишаҳост. Дар зиндагӣ мо борҳо шоҳиди он мешавем, ки дар натиҷаи содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок ашхоси гуногун барои кирдори барои ҷамъият хавфнокашон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Нуқтаи охиринро дар муайян намудани ҳадди ҷазо ва ҷиноят танҳо суд муайян менамояд.

Ба фаъолияти судҳои ҶТ моддаҳои 84-92-и боби 8 Конститутсия бахшида шудааст. Дар ин моддаҳо тартиби ташкил ва фаъолияти судҳо, тартиби таъини судяҳо, тартиби бозхонд ва салоҳияти судяҳо муайян шудааст. Бояд гуфт, ки дар ҶТ ягон мақомот ва ё муассисаҳои давлатӣ ҳуқуқи ба амал баровардани адолати судиро надоранд. Адолати судиро танҳо ҳокимияти судӣ дар симои судяҳо ҳуқуқи ба амал бароварданро доранд.

Ҳамин тавр, ҳокимияти судӣ дар ҶТ навъи мустақили ҳокимияти давлатӣ аст, ки фаъолияти он танҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассиса ва қонунияту адолат равона карда шудааст. Моҳияти ин шохаи ҳокимият дар он мебошад, ки инсонро ҳамчун арзиш ва мавҷудоти олӣ дониста, баҳри амалӣ сохтани ин принсипи конститутсионӣ ва бунёди давлати демокративу ҳукукбунёд равона гарди-



**Абдулҳамид ИСКАНДАРЗОД**
**судяи суди ноҳияи Синои ш. Душанбе**

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД – МАСЪУЛИЯТИ БУЗУРГ



**Оқилҷон КОМИЛЗОДА**
**ёрдамчии прокурори ҳарбии гарнизони шаҳри Душанбе**

Мардуми соҳибтамаддуни мо ба таълиму тарбияи фарзанд аҳаммияти махсус зоҳир карда, барои дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ пайваста талош меварзанд.

Дар қисми 2 моддаи 34 Констутсияи ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки «Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон масъул мебошанд». Вазифаи падару модар муҳайё намудани шароити мусоид барои инкишофи муътадили ҷисмонӣ ва руҳии фарзанд, таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва пеш аз ҳама масъулият барои пешгирӣ ва роҳ надодан ба тамоми амалҳои ношоистае, ки фарзандонашон метавонанд аз беаҳмиятии онҳо содир намоянд. Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар тақвияти моддаи 34 Конститутсия муқаррар менамояд, ки падару модар вазифадоранд, ки тибқи арзишҳои миллӣ ба фарзандони худ номи нек гузоранд, барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии онҳо ғамхорӣ намоянд ва фарзандро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, эҳтироми падару модар ва риояи арзишҳои милливу умумибашарӣ тарбия намуда, барои онҳо шароити хуби таълиму тадрисро фароҳам оваранд. Чунки дар ҳама давру замонҳо илмомӯзию маърифатпарварӣ аз омилҳои тақдирсози миллату давлатҳо ба шумор меравад. "Омӯзгорон, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд ухдадоранд, ки оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи кӯдакон тадбирҳо андешанд" - ин меъёр аз Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бар меояд.



Дар ҷомеаи имрӯзаи мо, мардуми тоҷик масъулият эҳсосест, ки дар рафтори ҳар як шахсияти комили ҷомеаи мутамаддин ва ҳар як фарди бедордил вобаста ба ин ё он вазифае, ки ба душаш гузошта шудааст, дида мешавад. Аммо тақозои замон аст, ки ин масъулиятро баҳри беҳбудии ҳаёти инсон дар худи инсон давлат ва қонунгузорӣ бедор намояд. Давлати мо низ тавассути қонунгузории хеш тавонист ба ин масоил бе тафовут набошад. Пеш аз ҳама сарчашмаи асосии ин ташаббус меъёрҳои Конститутсияи амалкунандаи мо мебошанд, ки ба тарзи зерин пешбинӣ шудаанд.

Оила дар тарбияи фарзанд нақши калидиро мебозад, зеро он мактаби аввалини насли наврас аст. Аз ин лиҳоз, ҳар як падару модарро зарур аст, ки ин вазифаи ҷонӣ ва қарзи шаҳрвандиро хуб дарк намуда, фарзандони худро бо роҳи дуруст, дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносию худогоҳӣ инчунин омӯзиши илму ҳунар ва азхуднамоии технологияҳои муосир, ширкати фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ва ободониву созандагии Ватани азизамон — Тоҷикистон, ҳидоят кунанд то тавонанд, ки дар оянда аз фарзандони содиқу номбардори миллати хешдар арсаи байналмилалӣ ифтихор намоянд.

# CONCEALING THE CRIMINAL IS A CRIME



**Khurshedullo KAMOLOV**
**assistant of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption**

For thirty years of independence, the Republic of Tajikistan has achieved outstanding success in all areas of its activity. Tajikistan has turned from a war country into a prosperous, peaceful and development state. During the years of independence, our country has been recognized as a full-fledged subject of the world community, and many of our initiatives have been accepted by authoritative international organizations.

Today, Tajikistan has established friendship relations with all countries of the world and is making great efforts to combat all the threats and challenges of the world. Evidence of this is the ratification of various international legal documents on the on the of different combat types of crimes within the framework of international and regional organizations and the participation of our armed forces in military exercises organized within the framework of international organizations (OCST, SCO etc.). In other words, during its independence, Tajikistan has achieved a number of significant successes both in domestic and foreign policy and continues to prioritize the interests of the state and the nation, along with the human rights.

Despite all this progress and development of our state in protecting the rights and freedoms of man and citizen, protecting the interests of the state and the nation, unfortunately, today there are can be find an antagonists who continue to undermine national security and peace with their evil and criminal actions.

Such persons commit various crimes and use all means to mislead civilians in order to evade criminal responsibility and punishment and destroy political stability and national unity of Tajikistan. These individuals have not gained the desired position and authority in society, therefore, they strive to win a prominent position in society by the criminal and separatists ways, which is completely and unconditionally condemned by the majority of members of society. They do not understand that everyone who has committed a crime will inevitably be punished or certain measures of a criminal law-nature, determined by the criminal code will be applied to them (article 6 of the criminal code of Tajikistan). In other words, every criminal action entails criminal responsibility and punishment.

An example of this is the recent events in the Badakhshan mountainous Autonomous Region, where the proud people of Badakhshan, who have always opposed crime, now support some criminals in the region and create conditions for concealing them, that their action are subject to criminal responsibility and punishment, because the criminal code provides for criminal responsibility and punishment in the form of imprisonment for failure to report a crime or concealing the criminal (article 347 of the criminal code of Tajikistan).

In other words, the actions of some people in Badakhshan, aimed at concealing the criminals and not disclosing their whereabouts, are considered accomplices in a crime for which the criminal code provides for criminal liability and punishment of up to 5 years in prison.

Therefore, we respectfully ask the civilized people of Badakhshan to fulfill their civic duty to surrender of a criminal to the state and maintain peace and stability in the region and the republic, as well as strive for the beauty and prosperity of our beloved motherland.



# ПРАВОВАЯ СИСТЕМА ЗОРОАСТРИЗМА



Зороастрийское право начинает процесс реформирования права в сознании людей. Ибо любые реформаторские идеи, не находящие дорогу в сознание народа, обречены на неудачу.

Авеста, как древняя религиозная книга зороастрийцев, как источник поведения людей, очаг благомыслия, благословия и благо действия для древних народов Средней Азии и Ирана, бесспорно, был единым моральным, правовым и религиозным кодексом. Авеста - это источник, определяющий поведение древних арийцев, который заполнен моральными, правовыми и религиозными нормами. Можно сказать, что Авеста - это источник, где встречаются и взаимодействуют три формы социальной нормы как единое целое, притом на таком уровне, что их единство и взаимовлияние ничуть не уменьшают его умеренность как кодекса поведения и исторического памятника права. Среди социальных норм Авесты, которые направлены на упорядочение общества и урегулирование общественных отношений, ведущую роль играли правовые нормы.

Согласно зороастрийским учениям, каждая природная среда имела своего ангела-хранителя, Вахман отвечал за скот, Ардвахишт - за огонь, Шахревар - за металлы, Спандармад - за землю, Хордод - за воды и Амордад - за растения. Любое небрежное отношение к растительному миру строго каралось и запрещалось зороастрийскими источниками. Так, зороастризм запрещает ломать деревья. Плохое отношение к деревьям, даже к одной веточке, карается настолько сильно, что закрывает зороастрийцу дорогу в рай. Зороастриец в отношении деревьев и растений исходил из почтения и уважения к ним, как к живым силам, которые в судный день оценивают поведение людей.

Уголовно-правовые нормы и институты зороастризма всесторонне осуждают вражду и рознь между религиями. Религия, которая призывает своих последователей к вражде и противостоянию другим религиям и культам, согласно учениям зороастризма, небожественная и неправдивая религия. Зороастризм не признает религию, которая призывает к вражде. Такая установка неукоснительно приводит к дружественному сосуществованию всех религий, что не оставляет шансов религиозному экстремизму и шовинизму.

Изучение правовой системы зороастризма позволяет констатировать, что это одна из таких величайших рациональных правовых систем древнего мира, основные идеи и постулаты которой дошли до наших дней и составили золотой фонд мировой цивилизации.

**Адиба МАДАМИНОВА**
**студентка 1-го курса**

# ТАЪЗИЯНОМА

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба муовини ректор оид ба тарбия Раҳмонзода Ҷамила бинобар вафоти

**МОДАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

****

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Раҷабзода Маҳмадёр бинобар вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

****

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Идизода Файзалӣ бинобар вафоти

**МОДАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

**Дар сӯгвории Холов Давлатманд, донишҷӯи соли 3-юми маълумоти дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ**

**Ҷавониро раҳо кардиву рафтӣ,**
**Сиришк бар дидаҳо кардиву рафтӣ.**
**Дили дӯстони ту мотам гирифта,**
**Ба дардат мубтало кардиву рафтӣ.**
**Ҷаҳонро бевафо гӯянд мардум,**
**Агарчи зиндаем пас мешавем гум.**
**Баҳори зиндагоният хазон шуд ,**
**Магар ту бевафо будӣ, ки рафтӣ?.**
**Кадом дасте ба он теғи хуношом,**
**Вуҷудатро шикофт ғофил зи фарҷом.**
**Шавад рӯзе ки қотил кушта гардад,**
**Бувад аъмоли бадро бад анҷом.**
**Ба ёд монад садои хандаҳоят,**
**Ва покиҳои қалби босафоят.**
**Нишон монда зи ту ду дастаи гул (2 духтар),**
**Дуо гӯянд ҳамеша аз бароят.**
**Равонат шод бод гар зуд рафтӣ,**
**Нагуфта хайру ҳам падруд рафтӣ.**
**Ту буди Давлате бар волидонат,**
**Чу тезобе ба мисли руд рафтӣ.**

**Зумрати Лоиқ**
**Аз номи гурӯҳи ҳамсабақон!**

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба устоди кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ Насриддинов Муҳаммадзафар бинобар вафоти

**ТАҒОЯШ**

(Қодиров Калемуллоҳ) изҳори тасаллият менамоянд.



Шохрух Забиров
донишҷӯи соли 4

**Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷавонони мамлакат шароитҳои дараҷаи олиро фароҳам овардааст. Ҳамасола дар мамлакат бо мақсади дарёфти наврасону ҷавонони лаёқатманду боистеъдод ва ташаббускору навовар озмуну чорабиниҳои гуногунсатҳ баргузор мегарданд.**

# ТААССУРОТ АЗ ОЗМУНИ ДОНИШҶӮИ СОЛ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи бонуфузи олии касбии ҷумҳурӣ бо мақсади дарёфт ва ҳавасманд гардонидани донишҷӯёни фаъолу лаёқатманд ва ташаббускору созандаи донишгоҳ ҳамасола озмунҳои гуногунро ташкил ва баргузор менамояд. Соли 2021 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон "Соли рушди сифати таҳсилот" эълон гардида буд ва бо ин мақсад дар донишгоҳ озмунҳои "Факултети беҳтарин", "Кафедраи беҳтарин", "Омӯзгори беҳтарин" ва "Донишҷӯи сол" ташкил ва баргузор гардиданд.

Озмуни "Донишҷӯи сол" бо мақсади ҷалби васеи донишҷӯён ва ҳавасманд намудани онҳо дар рушди қобилияти илмӣ, эҷодӣ, баланд бардоштани завқи китобхонӣ, фаъолгардонии доираи забондонӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ ва дарёфти чеҳраҳои лаёқатманду боистеъдоди дорои захираҳои илмию зеҳнӣ байни донишҷӯёни факултетҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Банда дар озмуни "Донишҷӯи сол" ширкат варзида дар даври ниҳоии он, бо касб намудани холҳои баланд ғолиби озмуни мазкур эътироф гардидам. Комиссияи озмун дар рӯзҳои баргузории озмун ба довталабон аз рӯи 13 шарту талаботҳои озмун, аз қабили: навиштани кори хаттӣ, навиштани лоиҳаҳои илмӣ, истифодаи намудҳои гуногуни барномаҳои компютерӣ, худмуаррифии донишҷӯ (сатҳи забондонӣ, суханварӣ, таърих, фарҳанг ва дастовардҳои замони истиқлоли давлатӣ), гирандаи стипендия будан, нашри мақолаҳо вобаста ба ихтисос, мутолиаи асарҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аъзои фаъоли китобхонаю будан, иштирок дар чорабиниҳои варзишӣ ва дорои дастовард будан, асарҳои тахассусӣ, асарҳои илмӣ ва бадеии хондашуда, аъзои маҳфилҳои илмӣ ва баромад кардан бо маърӯзаҳои илмӣ ва савоҳои иловагии ҳайати комиссия доир ба тахассус холгузорӣ намуданд. Озмун ба таври шаффоф ва ошкоро баргузор гардид ва рақобат байни довталабон ҷиддӣ сурат гирифт.

Ғолиб гардидан дар ин ё он озмун аз шахс масъулияти боз ҳам баландтарро тақозо менамояд, то ки аз ин ҳам бештар заҳмат кашида, ба дастовардҳои воло ноил гардам. Дар илм роҳи кӯтоҳ мавҷуд нест. Мо бояд кӯшиш намоем, ки мутахассисони баркамоли муҷаҳҳаз бо донишҳои муосир ба воя бирасем ба дар ободӣ ва рушду пешрафти ватани маҳбубамон – Тоҷикистон саҳмгузор бошем. Чун шоире мефармояд:

**Беҳ зи ганҷи дониш ба гетӣ куҷост?**
**Киро ганҷи дониш бувад подшост!**

**Ғолибият дар озмуни мазкур ин ғолибият ва дастоварди кулли донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, бо камоли эҳтиром ва аз самими қалб миннатдории худро ба садорат ва омӯзгорони факултет изҳор менамоям ва маҳз кӯшишу ғайрат ва сахтгириҳои устодон буд, ки банда дар озмун ғолиб гардидам.**

# АРТИШИ МИЛЛӢ – КАФИЛИ СУЛҲУ ОРОМӢ

Санаи 23 феврали соли ҷорӣ аз таъсиёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 сол пур мешавад. Баъди бархам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишвари мо яке аз аввалин давлатҳое буд, ки артиши худро таъсис дод.

Таъсиси артиши миллӣ дар вазъияте сурат гирифта буд, ки мамлакатро ноороми ю чаҳолат фаро гирифта буд. Мавҷуд набудани сару либос, аслиҳаи ҷангӣ, ғизо ва дигар шароити душвор монеаи таъсиси Артиши миллии мамлакат нагардид. Дар ин шароити басо душвор санаи 23 феврали соли 1993 Артиши миллӣ таъсис ёфт.

Хушбахтона, имрӯз Артиши миллии ҶТ ҳамаи ин мушкилотҳоро паси сар намуда, ба сӯи қуллаҳои баланд ҳаракат карда истодааст. Бинобар ин, бехуда Қуввваҳои мусаллаҳро пояи асоси давлатдорӣ нагуфтаанд. Ҳамчунин, яке аз вазифаҳои конститутсионии ҳар як шахс ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он аст.

Дар шароити имрӯза, мавқеъ ва нақши Артиши миллӣ дар мамлакат рӯз ба рӯз меафзояд. Чунки мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳониро таҳдидҳои зиёди террористиву экстремистӣ дар пеш аст ва кишвари мо ҳамчун ҷузъи ҷомеаи башарӣ аз ин кирдорҳои нанговар орӣ буда наметавонад. Бинобар ин, таваҷҷуҳи ҳукумати мамлакат барои боз ҳам мукамал гардонидани фаъолият ва иқтидори он равона гардидааст, ки самараи некро ба бор ҳоҳад овард.



Шамсулло ҚУВВАТОВ
донишҷӯи соли 2



# АМАЛҲОИ ИФРОТӢ – ТАҲДИД БА ҲАР ЯК СОКИНИ САЙЁРА



Бахтиёр АХМЕДОВ
донишҷӯи соли 3

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2000 то имрӯз 22 маротиба бо Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олии ҶТ ва дар маҷмӯъ ба кулли мардуми кишвар оид ба масъалаҳои муҳими сол ва дурнамои соли оянда мурочиат ва суханронӣ намудаанд. Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки Пешвои миллат ба он таъкидан ишора намуданд, мубориза муқобили терроризму экстремизм мебошад. Зеро вазъи сиёсии ҷаҳони имрӯза хеле муташанниҷ буда, таъсири он ба тамоми ҷаҳон, аз ҷумла давлати мо расидааст. Терроризм ва ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуби ҷаҳони имрӯза буда, паёмадҳое ҷуз ҷангу хунрезӣ ва пароканрагии аҳолӣ надорад.

Пешвои миллат, Президент ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масъала, ки дарди рӯз мебошад, чунин иброз менамоянд: «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст».

Таърих худ гувоҳ аст, ки дар кадом мамлакате, ки ташкилотҳои экстремистию террористӣ фаъолият намуданд, он давлатро ба ҷангу куштор расониданд. Ба ҳамаи мо давлати Афғонистон, Ирок, Сурия, Яман, Судон, Ливия ва ғайра шоҳиди ҳол аст.

Чи гунае ки мо медонем, пайравони ташкилоти экстремистӣ дар мамлакати мо низ фаъолият мекарданд. Ба ин равияи «Салафия»-ро мисол овардан мумкин аст, ки садҳо ҷавони мо аз рӯи ҷаҳл ба домашон афтода буданд. Баъдан бо қарори Суди Олии ҶТ дар соли 2009 фаъолияти ҳаракати Салафия мамнуъ эълон гардида, санаи 8 декабри соли 2014 бо қарори Суди Олии ҶТ равияи мазкур ба рӯйхати ташкилоти экстремистӣ дохил карда шуд. Ин санади ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти равияи Салафия хатари ҷиддӣ ба амнияти миллӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ ва динии кишвар дорад.

Ҳамчунин, дар Кодекси ҷиноятии ҶТ барои фаъолияти террористию экстремистӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Дар охир ба ҳамаи ҷавонони имрӯза гуфтании онро дорам, ки мо бояд ба қадри неъмате чун Истиқлолият ва тенҷию амонии давлатамон бирасем. Зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва алайҳи фаъолияти экстремистию террористӣ якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мубориза барем.

# ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА МАСОИЛИ ШИКАНЧА



Далер БОБОЕВ
донишҷӯи соли 4

**Ҳуқуқи инсон яке аз арзишҳои муҳимтарини тамаддуни ҷаҳонист. Амалисозӣ ва ё баръакс вайрон кардани ҳуқуқи инсон ба инкишофи рӯҳӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии ҷи давлат ва ҷомеа ва ҷи ҳар як шахсияти алоҳида таъсир мерасонад.**

Аз ҳамин лиҳоз арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуҷҷати муҳимтарини сиёсии мамлакат маҳсуб меёбад, зикр гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳкумшудагон низ аз категорияи шахсоне мебошанд, ки дорои ҳуқуқ ва уҳдориҳои муайян мебошанд. Вале ин ҳуқуқу уҳдадориҳо маҳдудтар буда, танзими ҳуқуқии онҳо дар доираи санадҳои муайяни меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегирад.

Давлат ҳуқуқу озодиҳои маҳбусонро кафолат дода, онҳоро эҳтиром ва ҳифз намуда, инчунин ҳимояи маҳбусонро аз муносибати бераҳмона таъмин менамояд. Дар моддаи 1 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст: “Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ бо ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо ҳамдигар муносибати бародарона дошта бошанд”. Вобаста ба ин, яке аз кирдорҳои номатлубе, ки муқобили эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла маҳкумшудагон равона гардидааст, шиканҷа ба ҳисоб меравад.

**Шиканҷа ҳама гуна рафтори барқасдонаи шахсони мансабдор мебошад, ки нисбати тарафи таъқибшаванда татбиқ шуда, ба онҳо азобу шиканҷаи ҷисмонию рӯҳӣ мерасонад.**

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи шиканҷа шахс азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ дида, иродаи озоди ӯ мағлуб шуда, тайёр мешавад, ки ҳар гуноҳеро, ки ӯ содир накардааст, ба гардан гирад ё шаҳодати бардурӯғ диҳад.

Азбаски ҳаёт, қадр, номус, озодӣ, амнияти шахсият ва дигар ҳуқуқҳои инсон дахлнопазиранд, озодӣ аз шиканҷа ва аз дигар муносибатҳои золимона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи қадру қимати шахс масоили муҳим арзёбӣ шуда, ҷамъияти инсонӣ талоши онро дорад, ки дар ин росто чораҳоеро андешад, ки баҳри бартараф намудани он равона шуда бошад. Яке аз санадҳои муҳими байналмилалии ҳуқуқӣ “Қоидаҳои ҳадди ақали стандартҳои муносибат бо маҳбусон “ мебошад, ки соли 1955 аз ҷониби СММ қабул карда шуд. Ин қоида пешбинӣ намуд, ки ҷазои ҷисмонӣ, ҷазо дар шакли нигоҳ доштан дар камераи торик ва ҳамаи намудҳои ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи қадру қиммати шахс бояд манъ карда шавад.

**Аз ҳамин лиҳоз, маҳкумшудагон сарфи назар аз он, ки ҷиноят содир намудаанд, ИНСОН мебошанд ва набояд истифодаи шиканҷа ва дигар намуди муносибати бераҳмона, ҳамчунин муносибати пастзанандаи шаъну шарафи инсонӣ нисбат ба онҳо сурат гирад. Онҳо аз озодӣ маҳрум карда шудаанд, яъне онҳо аллакай ба субъектони яке аз шаклҳои сахтарини ҷазо—маҳдуд кардани озодӣ, ки ба шахс метавонад, татбиқ кард, табдил ёфтаанд.**

# АВБОШӢ – ВАЙРОН КАРДАНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ



Шоҳрух Одиназода
донишҷӯи соли 3

Яке аз масъалаи мубрами рӯз авбошӣ ба ҳисоб меравад. Авбошӣ дар Кодекси ҷиноятии ҶТ пурра шарҳи худро ёфтааст ва моддаи 237 КҶ бошад, ба ҳамин масъала бахшида шудааст, ки аз 3 қисм иборат буда, қисми 2 ва 3 он ҳолатҳои вазнинкунанда мебошад ва ҷазои он то ба 7 сол мерасад.

Авбошӣ – дағалона вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ки дар беэҳтиромӣ нисбат ба ҷамъият зоҳир мегардад ва бо зӯроварӣ ба шаҳрвандон ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, ҳамчунин несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр алоқаманд мебошад. Аз мафҳуми додашуда чунин аломатҳои авбошӣ фарқ карда мешавад:

1. Дағалона вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ. Чуноне ки мо медонем, ба сифати ҷойҳои ҷамъиятӣ мактаб, донишгоҳ, муасисса, корхона, дохили автобусу тролейбус ва ғайра баромад менамояд ва ҷинояти мазкур дар чунин ҷойҳо содир карда мешавад. Дар натиҷаи авбошӣ, пеш аз ҳама, тартиботи муқарраарии ҷомеа, ки дар он маҷмӯи муносибитҳои муназзамгардида ифода ёфтааст, дағалона вайрон карда мешавад. Дар чунин ҳаракатҳои шахс беэҳтиромӣ нисбат ба ҷамъият зоҳир мегардад. Мисол қасдан вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва вайрон намудани оромии ҷомеа бо роҳи бедодгарӣ.

2. Истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ҳамчунин несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр. Истифодаи зӯроварӣ дар ҷараёни авбошӣ бо расонидани таъсири ҷисмонӣ ба ҷабрдида ифода меёбад (латукӯб, расонидани зарар басаломатӣ). Мафҳуми “таҳдиди истифодаи зӯроварӣ” хеле васеъ буда, дар зӯроварии рӯҳӣ оид ба нияти расонидани таъсири ҷисмонӣ ба ҷабрдида мебошад. Таҳдиди латукӯб кардан, расонидани зарари сабук, дараҷаи миёна ва расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, таҳдиди куштори ҷабрдида.

Ҷинояти мазкур ва дигар ҷиноятҳои ба ин монанд аз сабаби паст будани шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон зиёд паҳн шудааст. Мақомотҳои давлатӣ мубориза беамонро бар зидди ҷиноят ва ҷиноятқорӣ бурда истодаанд ва барои кам намудани шумораи кирдори авбошӣ, бештар дар байни ҷавонон чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд.

Ташкил ва ба роҳ мондани курсҳои омӯзишӣ, зиёд намудани майдончаҳои варзишӣ, ҷалби ҷавонону наврасон ба маҳфилу чорабиниҳои фарҳангӣ, озмунҳои китобхонӣ иқдомоти шоиста ҷиҳати пешгирӣ аз кирдори мазкур ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон тарғиби ҳаёти солим тавассути ВАО, ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати ошноӣ пайдо намудан аз муқаррароти қонунгузорӣ ба манфиати кор аст.



# ҚОНУНҲОИ АҶИБТАРИН ДАР ҶАҲОН

1. Донишҷӯе, ки аз 1 то 15 маротиба дар имтиҳонҳо фиреб мекунад, зиндонӣ мешавад (Бангладеш).

2. Ба ашхоси то 18 - сола нушидани нӯшокии пепсӣ манъ аст (Норвегия).

3. Агар 27 сол дошта бошӣ ва дар ҷое кор накарда бошӣ, бояд оҷилан ба хизмати ҳарбӣ равӣ (Кореяи Шимолӣ).

4. Мувофиқи қонун сину сол барои иҷозати сигоркашӣ аз 15 солагӣ оғоз мешавад (Мексика).

5. Харидани мошини амрикоӣ мамнуъ аст ва барои он зиндонӣ мешавед (Кореяи Шимолӣ).

6. Шаҳодатномаи ронандагиро аз синни 14 солагӣ гирифтан мумкин аст (Олмон).

7. Тамошои футбол, баскетбол ва филмҳо манъ аст (Бирма).

8. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ гиря кардан манъ аст (Колумбия).

9. Агар мӯи худро ранг кардан хоҳед, бояд аз Вазорати корҳои дохилӣ иҷозат гиред (Кореяи Шимолӣ).

10. Зодрӯзи занатро фаромӯш накун (ҷазираҳои Самоа).

11. Дар мактабҳои олӣ ва миёна имтиҳони ниҳоӣ (имтиҳони хатм) вуҷуд надорад (Шветсия).

12. Шумо метавонед қонуни нав пешниҳод кунед (Швейтсария).



13. Вазни зиёдатӣ ҷиноятест, ки тибқи қонун ҷазо дода мешавад (Ҷопон).

14. Вақте ки ба одами бегона табассум мекунӣ зиндонӣ мешавӣ (Венесуэла).

15. Мактабҳо ҳамагӣ 5 соат кор мекунанд, шумо метавонед ҳар вақт мактабро тарк кунед (Хорватия).

16. Истифодаи интернет манъ аст, ба истиснои гирифтани иҷозат аз тамоми вазоратҳо (Кореяи Шимолӣ).

17. Тамошои телевизор баъд аз соати 12 шаб манъ аст (Камерун).

18. Кушодани телефони мобилии шавҳар бе иҷозати шавҳар ҷиноят аст (Монтана).

19. Ҳангоми рондани мошин нӯшидани ҳар гуна моеъ, ҳатто об манъ аст (Юнон).

20. Зани Шумо метавонад номи шуморо иваз кунад, шумо ба он эътироз карда наметавонед (Нидерландия).

21. Зан метавонад дар ҳар вақт аз суд хоҳиш намояд, ки бо гузоштани «дастгоҳи пайгирӣ ба пои шавҳар» аз ҷои будубоши шавҳараш хабардор шуда истад (Африқои Ҷанубӣ).

**Таҳияи**
**Рустам ИСМАТОВ**

# ҒОЛИБИЯТИ НАВБАТИИ ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ

Ҳамасола донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар риштаҳои гуногуни варзиш сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд.

Ба ҳамин монанд, таърихи 23 январи соли 2022 мусобиқаи варзишӣ оид ба «Ҷоми вазири корҳои дохилӣ» баргузор гардид. Дар ин мусобиқа донишҷӯи соли 1 факултети ҳуқуқшиносӣ Юнусов Фирдавс зери роҳбарии устоди варзиш оид ба гуштини самбо Холиқов Далер иштирок намуда, сазовори ҷои 3-юм гардид.



Садорати факултет ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» Юнусов Ф.-ро бо ин дастовардаш табрик намуда, ба ӯ дар ҷодаи варзиш ва касби пешанамудааш фатҳи қуллаҳои баландро орзу менамоянд.

**Таҳияи**
**Саид БОБОЕВ**

# МОНИТОРИНГИ АМАЛИШАВИИ

## (ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ

**Дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ на нишондиҳандаи миқдорӣ, балки нишондиҳандаи сифатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дорад, яъне барои танзими муътадил ва самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ мавҷудияти санадҳои меъёрии ҳуқуқи босифат, ба талаботи объективии танзими ҳуқуқӣ мувофиқ, инчунин амалишавӣ ва татбиқи онҳо муҳим аст. Таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва самаранокии онҳо аз фаъолияти субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда вобастагии зиёд дорад. Мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба талаботи объективии муносибатҳои ҷамъиятӣ барои танзими муътадил ва самараноки онҳо нақши муҳим дорад. Мукаммалу мушаххас гардонидани механизми амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок намудани онҳо, дар натиҷаи таҳлил, омӯзиш, муқоиса, мушоҳида ва санҷиши қонунгузорӣ ба вуҷуд меояд. Барои таҳлили мунтазам ва ҳаматарафаи рушди қонунгузорӣ, ташаккули соҳаю падидаҳои нави ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, баланд бардоштани сифати қонунҳо, такмили механизмҳои иҷрои санадҳои меёрии ҳуқуқӣ, қабули санадҳои меъёрии ба талаботи шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат ҷавобгӯ гузаронидани мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шарт ва муҳим аст.**



Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА
магистри соли дуюм

Рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ дар мамлакат дар даҳсолаи охир боиси қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мухталиф гардид. Дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ назаррас мебошад. Саъю кӯшиши одилонаи давлат барои ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятии давлатӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок нишондиҳандаи миқдори маҳсулоти қонунгузориро асоснок мекунад. Бо вуҷуди ин, сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳияи техникаи қонунгузорӣ, пурра муайян нагардидани механизмҳои иҷрои баъзе қонунҳо ва услуби баён дар чунин шароит ногузир боиси номутобиқӣ ва тафовут дар амалияи татбиқи ҳуқуқ мегардад, ки ин метавонад боиси вайронкунии ягонагии фазои ҳуқуқии мамлакат гардад.

Мутобиқ намудани қонунҳо ба талаботи шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат вазифаи муҳими субъектони ҳуқуқэҷодкунанда маҳсуб ёфта, яке аз роҳҳои муайян намудани норасоӣ ва мушкилоти қонунгузорӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ин гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ мебошад.

Раванди такмили қонунгузорӣ бояд на танҳо ҳалли масъалаҳои меъёрэҷодкунӣ (қабули санадҳои нави ҳуқуқӣ, тағйиру илова ё бекор кардани санадҳои мавҷуда), балки таҳлили мушкилоти амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаро низ фарогир бошад. Аз ин рӯ, масъалаи ҷорӣ намудани мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун низоми мушоҳида, таҳлил ва таъсиррасонии доимӣ ба соҳаи ҳуқуқ, дар тамоми марҳилаҳои мавҷудияти санади меъёрии ҳуқуқӣ – аз пайдоиши андеша (идея)-и лоиҳа, муайян кардани мавзӯи танзим, қабул то татбиқи меъёрҳо ва назорат аз болои самаранок татбиқ шудани онҳо, дорои аҳамияти муҳим аст.

Истилоҳи “мониторинг” аз калимаи лотинии “monitor” гирифта шуда, маънояш мушоҳида, таҳлил, омӯзиш, санҷиш, назорат мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ моҳияти падидаи мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври гуногун, аз ҷумла ҳамчун воситаи ҳамкории мақомоти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, арзёбии самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тарзи муайян намудани норасоии қонунгузорӣ ва ғайра муайян карда мешавад.

Дар замони муосир истилоҳи «мониторинг» дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла дар соҳаи илм ва амалияи ҳуқуқӣ бештар истифода мешавад. Ин ба афзоиши таваҷҷуҳ ба мушкилоти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили низом (сохтор)-и мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади фароҳам овардани механизми самарабахш дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мегардад, ки инъикоскунандаи тамоюл ва талаботи танзими ҳуқуқии баъзе муносибатҳои ҷамъиятӣ аст.

**Мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолияти нақшавии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҷамъоварӣ, омӯзиш, таҳлил, санҷиш, ҷамъбаст ва баҳодиҳии иттилоот дар бораи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.**

Мувофиқи моддаи 81 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда бо мақсади пурракунӣ ва таҳлили иттилоот оид ба ҷараёни татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас гузаронида мешавад. Дар мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақомоти дигари давлатӣ, ки вазифаҳои назоратӣ ва тафтиширо иҷро мекунанд, ширкат меварзанд. Мақомоти татбиқи ҳуқуқ барои мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолона мусоидат мекунанд, мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаро бо иттилооти кофӣ оид ба ҷараёни татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин менамоянд.

## МОНИТОРИНГ – ОМИЛИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Гузаронидани мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои рушди қонунгузории кишвар мебошад. Дар ҳамин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пайваста дар суханрониҳои худ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар таклифҳои мушаххасро пешниҳод менамоянд. Аз ҷумла, Президенти мамлакат зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар” аз 25 апрели соли 2008 қайд намуданд, ки “рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар аз заминаҳои мустаҳками меъёрии ҳуқуқӣ вобаста аст. Барои аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок намудани қонунҳо, мукаммалу мушаххас гардонидани механизми татбиқи онҳо, инчунин мониторинги тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назди Президент таъсис додани Маркази миллии қонунгузорӣ мувофиқи мақсад мебошад”.



Ҳамин тавр, бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2009 Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Гузаронидани мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз мақсадҳои асосии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, аммо то имрӯз дар мамлакат аз ҷониби ягон мақомоти давлатӣ мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода намешавад.

Вобаста ба ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 қайд карда шуд, ки “Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаро зарур аст, ки таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, аз ҷумла мониторинги амалишавии санадҳои қонунгузориро гузаронида, сатҳи мутобиқати қонунгузории мамлакатро ба ҳадафҳои сиёсии пешбинигардида муайян намоянд ва оид ба такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди татбиқи ҳуқуқ чораҳои судманд андешанд”. Пешвои миллат мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро омили рушд ва такмили қонунгузорӣ, воситаи муайян кардани мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳадафҳои мамлакат, баланд гардидани самаранокии татбиқи ҳуқуқ муайян намуданд. Дар воқеъ, ба амал баровардани мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои дар боло зикршуда мусоидат менамояд.

Мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии мониторинги ҳуқуқӣ ба шумор рафта, гузаронидани он имрӯз масъалаи мубрам маҳсуб меёбад, зеро шумораи санадҳои қонунгузории қабулшудаи кишвар (ба истисноӣ санадҳои меъёрии зерқонунӣ) низ зиёда аз чорсад ададро ташкил медиҳад. Дар ин росто, муайян кардани самаранокӣ ва татбиқи пурраи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавассути анҷом додани мониторинги амалишавии онҳо имконпазир аст. Бояд қайд кард, ки дар мамлакат баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқие мавҷуд аст, ки умуман мавриди истифода ва татбиқ қарор дода намешаванд ё қисми дигари меъёри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар амал татбиқ намегардад (бо сабаби муввофиқ набудан ба талаботи воқеӣ ва дигар сабабҳо) ё дар баъзан санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ механизмҳои амалишавии меъёрҳои дар он пешбинишуда вуҷуд надорад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун “Дар бораи иҷора” аз 6 декабри соли 1990, №185 амал менамояд, вале меъёрҳои Қонуни мазкур мавриди татбиқ қарор дода намешаванд, зеро меъёрҳои ҳамин Қонун кӯҳна шудаанд, яъне ба талаботи имрӯзаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷавобгӯ нестанд ва аз тарафи дигар дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳо дар самти муносибатҳои иҷоравиро танзим карда шуда аст. Барои муайян ва бартараф намудани чунин мушкилот дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мониторинги амалишавии онҳо мусоидат менамояд.

# САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН”)



Яқуб ҲАКИМОВ
магистри соли дуюм

## ТАҶРИБАИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус бояд танзим карда шавад.

Дар мамлакатҳои хориҷӣ доир ба танзими мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ санадҳои меъёрии зерқонунии гуногун қабул гардидааст. Масалан, дар Федератсияи Россия Низомнома дар бораи мониторинги ҳуқуқтатбиккунӣ дар Федератсияи Россия аз 20 майи соли 2011, дар Ҷумҳурии Белорус Дастурамал дар бораи тартиби гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ аз 30 январи соли 2019, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз 2 ноябри соли 2019, дар Ҷумҳурии Қазоқистон Қоидаҳои гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон аз 29 августи соли 2016, дар Ҷумҳурии Қирғизистон Тартиби гузаронидани мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 23 марти соли 2015 ва дар дигар давлатҳои пасошӯравӣ ба ҳамин монанд санадҳо оид ба гузаронидани мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд.

Аз таҳлили таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ муайян мегардад, ки мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус, ки мақсад, вазифаҳо, самтҳо ва тартиби гузаронидани онро муқаррар менамоянд, танзим карда мешавад. Аз ин рӯ, барои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аввалан зарур аст, ки санади ягона самаранок шавад, зеро бидуни санади мазкур ба таври дахлдор анҷом додани фаъолияти мазкур ғайриимкон аст.

## МАҚСАДИ АНҶОМ ДОДАНИ МОНИТОРИНГ

Мониторинги ҳуқуқӣ бо мақсади такмили низоми ҳуқуқии кишвар, қабули санадҳои нав, такмили қонунгузории мавҷуда, бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, тахияи пешниҳодҳо оид ба бартарафкунии такрорёбӣ, камбудӣ, кӯҳнашуда ва меъёрҳои дорои хусусияти коррупсионӣ тахияи пешниҳодҳо оид ба такмили онҳо бо роҳи пешгӯӣ, таҳлил, баҳодиҳии самараноки амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин самаранокии амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад.

Дар баробари ин, мақсади гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ сари вақт муайян намудани сифат ва сатҳи риоя ва иҷроиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ махсуб меёбад. Ҳангоми гузаронидани мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин асосҳо бояд ба инобат гирифта шавад:

1) объекти мониторинг (дақиқ муайян кардани санади меъёрӣ - ҳуқуқӣ ё лоиҳаи он, мавриди мониторинг қарор дода мешавад);

2) ташкилоте, ки мониторинги ҳуқуқиро мегузаронад (ба зиммаи як мақомот вогузор намудани гузаронидани мониторинги ҳуқуқ қобилияти касбии баландро тақозо менамояд, аз ин лиҳоз ҳамоҳангсозии фаъолият байни мақомоти гуногуни давлатӣ дар ин самт муҳим мебошад);

3) асосҳои ҳуқуқии гузаронидани мониторинги амалишавии санади дахлдор (қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Низомнома ё Қоидаи тартиби гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ, Нақша чорабиниҳои дохилиидоравии субъекти анҷомдиҳандаи мониторинг ва дигар санадҳо);

4) чорабиниҳое, ки ҳангоми гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад (муайян намудани меъёрҳои дақиқ барои гузаронидани мониторинг, омода ва ирсоли мактуб ба вазорату идораҳо, гирифтани ҷавоби мактуб аз вазорату идораҳо, таҳлили ҷавобҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда, муқоиса намудани таҳлилҳо бо меъёрҳои амалкунанда, санҷиши дурустии татбиқи меъёр ва монанди инҳо);

5) пешниҳоди хулосаи дахлдор (ҷамъбасти мониторинг ва пешниҳоди таклифҳо, гузоштани меъёрҳо дар шакли амалкунанда, тағйир додани онҳо, катъ кардани амали он ва ғайра).

## САМТҲОИ АСОСИИ ГУЗАРОНИДАНИ МОНИТОРИНГ

Мониторинги ҳуқуқӣ бояд ба самтҳои дақиқ равона шуда бошад, зеро дақиқ муайян намудани самтҳои он вазифаи мақомоти ваколатдори давлатӣ махсуб меёбад. Самтҳои асосии гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ:

- ошкор намудани ҳолатҳои мувофиқат накардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ;



- муайян намудани тавсифи умумии (характеристика) санади меъёрии ҳуқуқӣ;
- ошкор намудани камбудиҳо, мухолифатҳо, зиддиятҳо, меъёрҳои кӯҳнашуда ва ғайрифаъол;
- муайян намудани мавҷудияти дастурҳои меъёрие, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузор ё шахси мансабдор зиёда аз салоҳияти ӯ қабул шудаанд;
- муайян намудани муносибатҳое, ки аз доираи танзими ин санад берун мондаанд, аммо он бояд дар ҳамин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда шавад;
- ошкор намудани вайронкунии тартиби қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ;
- муайян намудани омилҳои бавуҷудоранда суистифодаи меъёрҳои санади мавриди мониторинг қарордода ва ғайра.

## ВАЗИФАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ МОНИТОРИНГ

Вазифаҳои асосии мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳалли масъалаҳои зерин равона карда шудааст: а) таъмини назорат аз болои амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; б) таҳлил ва арзёбии мувофиқати амалияи татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба натиҷаи пешбинишудаи танзими ҳуқуқӣ; в) ошкор намудани зиддиятҳо, такрорёбӣ ва камбудиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бартараф намудани ҳолатҳои додани тафсири нодуруст ба меъёрҳо, инчунин бартараф намудани меъёрҳои бавуҷудорандаи омилҳои ҷиноятқорӣ; г) муайян намудани самтҳои инкишофи фаъолияти мақомоти давлатӣ; д) ҳамкории мақомоти давлатӣ бо субъекти ҳуқуқэҷодкунанда; е) тахияи таклифҳо оид ба такмили қонунгузорӣ.

## НАТИҶАИ ГУЗАРОНИДАНИ МОНИТОРИНГ

Натиҷаи мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми банақшагирии тахияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тахияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, такмили ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва самаранокии онҳо ба инобат гирифта мешавад. Дар ҳамин замина натиҷаи мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад дурнамои меъёри қабулшавандаро муайян намояд, зеро аҳамияти қабули лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқ гардидани он дар амалро маҳз тавассути мониторинги ҳуқуқӣ ошкор кардан имконпазир мебошад.

Таҳлили мунтазам ва ҳаматарафаи рушди қонунгузории ҷумҳурӣ, ташаккули соҳаю падидаҳои нави ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, тағйири мавзъ ва усулҳои танзими ҳуқуқӣ, таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ба тахия ва такмили санадҳои қонунгузорӣ дар натиҷаи гузаронидани мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Чунончи, Маркази миллии қонунгузорӣ ва таҳқиқоти илмии Ҷумҳурии Белоруссия аз 19 майи соли 2020 то 9 июни соли 2020 мониторинги ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Беларуссия “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 17 июли соли 2018-ро гузаронида, камбудию норасоиҳоро ошкор намудааст. Бо натиҷаи мониторинги ҳуқуқии санади мазкур 17 таклифҳои илман асоснокро бо мақсади бартараф намудани камбудию норасоиҳои ҷойдошта ба мақомоти ваколатдори давлатӣ пешниҳод намудааст. Ё ин ки дар соли 2020 оид ба натиҷаи ҳуқуқтатбиккунӣ дар Федератсияи Россия аз 28 октябри соли 2021 Вазири адлияи Федератсияи Россия баромад намуда, мониторинги ҳуқуқтатбиккуниро дар се самт таҳлил намуда, таклифҳои мушаххасро аз натиҷаи гузаронидаи он бо мақсади бартараф кардани камбудию норасоиҳо пешниҳод намудааст.

Бо мақсади дар мамлакат самаранок анҷом додани мониторинги ҳуқуқӣ андешидани чораҳои мушаххас шарт ва муҳим аст, зеро татбиқ гардидан ё нагардидани меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ маҳз дар натиҷаи гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Мушкилоти гузаронидани ин амал дар он ифода меёбад, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин самт муқаррар карда нашудааст.

Бинобар сабаби асоснокии илмӣ, яъне аз нигоҳи илмӣ таҳлил намудани қонунгузорӣ ҳангоми гузаронидани мониторинг ба вуҷуд меояд, зарурияти ҷалби муассисаҳои илмӣ низ зарур аст.

Аз ин лиҳоз ба мақсад мувофиқ аст, ки Вазорати адлия ва Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони Академияи миллии илмҳо ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои гузаронидани мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақоми ваколатдор муайян шуда, натиҷаи мониторингро барои омӯзиш ва корбарӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намоянд.

Ҳамзамон дар танзими ҳуқуқии ин масъала низ мушкилот ҷой дорад, зеро бо кадом роҳу восита гузаронидани мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян нест. Гарчанде ки дар моддаи 81 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мақсад, натиҷа ва субъекти татбиқкунандаи мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври умумӣ муқаррар шуда бошад ҳам, усули гузаронидан, вазифа, самт ва дигар унсурҳои мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда нашудааст.

**Дар робита ба ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки дастурамал оид ба гузаронидани мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омода ва қабул карда шуда, минбаъд дар заминаи он мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар мамлакат анҷом дода шавад.**







Истиқлолият муҳимтарин дастоварду неъмати бебаҳои ҳама халқу миллат ба шумор меравад. Шарофати ҳамин истиқлолият аст, ки мо соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ, Артиши миллӣ, пули миллӣ ва узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва аъзои чандин созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳастем.

Таърихи бою куҳан ва интиҳои қарни сипаригардидаи кишварамон воқеаҳои сиёсии бузургеро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми он дар навбати худ нақши махсусе доранд. Дар таърихи навини миллати тоҷик низ волотарин дастовард – соҳиб шудан ба Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аст, ки баъди пош хӯрдани собиқ ИҶШС насиби мардуми сарбаланди мамлакати азизи мо гардид.

Фишорҳои дохиливу хориҷӣ ба раванди давлатдории навини тоҷикон таъсири манфӣ мерасонд. Маҳз дар чунин шароит ва мухолифатҳои бошиддат асосҳои сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайн гардид. Давлати навтаъсис дар як замон, вазифаҳои ташкили механизми сиёсӣ, ба вуҷуд овардани фазои идоракунии соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, таъмини тартиботу бехатарии ҷамъият ва дар як маврид, ҳимояи истиқлолиятро ба уҳда дошт. Дар чунин шароити душвори давлатдорӣ Ҳукумати мамлакат зери сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат Артиши миллиро таъсис дод.

Аз рӯзҳои аввали таъсиси Артиши миллӣ афсарони мо барои таъмини тартибот, ҳифзи манфиатҳои ҷамъият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд талошҳои ҷонбоз кардаанд. Метавон гуфт, ки дар чунин шароит заминаи моддию техникӣ умуман вуҷуд надошт. Норасоии кадрҳои таълимдидаю обутобёфтаи ҳарбӣ ва мутахассисони касбӣ дар ҳама ҷанбаҳо ҳис мешуд. Сарфи назар аз ин мушкилиҳои ҳаёти шахсии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои душвори муқовимати дохилӣ роҳи пурпечутоберо тай намуда, таҷриба андӯхта, дарси ҷангию муҳорибавиро омӯхта ва ба яке аз артишҳои касбии минтақа табдил ёфтанд.

Санаи 23 феврали соли 1993 дар маркази шаҳри Душанбе аввалин гузашти низомии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид ва ин рӯз дар таърихи кишвар ҳамчун Рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.

Таърих гувоҳ аст, ки ҷузъу томҳои Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз бо саъю кӯшиши Сарфармондеҳи олии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали Артиш Эмомалӣ Раҳмон тӯли ин солҳо ба артиши неруманд табдил ёфта ва барои ҳифзи марзу бум ва якпорчагии кишварамон ҳамеша омада аст.

**Мо чу сарбози Ватан бо аҳду**
**паймон саф кашем!**
**Ҳомиёни кишварему тахти**
**фармон саф кашем!**
**Кард ташкил артиши миллии**
**мо Сарвар зи хеч,**
**Баҳри амри Пешвои**
**Тоҷикистон саф кашем!**

Хизматчиёни ҳарбию ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳ дар тӯли 29 соли фаъолият дар ҳама лаҳзаҳои душвор барои ҳифзи сарзамин ва дастовардҳои истиқлолият ва пойдории сулҳу субот ҷони худро дар роҳи Ватан нисор кардаанд, то дар назди падару модар, ҳамсар, фарзанд ва аз ҳама муҳим, дар назди Ватан қарзи хешро иҷро намоянд.

**Дилрабои АБДУҶАББОР**
**донишҷӯи соли 2**

# ВАТАН

**Дил ба ғами Ватан фигор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Ҷон ба раҳи Ватан нисор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Дар баду неки ӯ шарик ман нашавам, кӣ мешавад?**
**Ҳифзу вафои ӯ шиор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Чун нафаси нақӯ бадар ман наравам, кӣ меравад?**
**Ҳар нафасе бадӣ шикор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Сикка ба рӯи ахтарон ман назанам, кӣ мезанад?**
**Рахна ба оламе ҳазор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Бори раҳи муродро ман накашам, кӣ мекашад?**
**Роҳ сабук ба раҳсипор ман накунам, кӣ мекунад?**

**Оташи эҳтирос дар ман надиҳам, кӣ медиҳад?**
**Сӯзу гудоз ихтиёр ман накунам, кӣ мекунад?**
**Муҷда ба интизорҳо ман набарам, кӣ мебарад?**
**Ҷумла давои чашми чор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Зин зи дӯши зинбапушт ман наканам, кӣ меканад?**
**Пири пиёдаро савор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Ҷони базулммондаро ман нахарам, кӣ мехарад?**
**Адли фитода устувор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Пардаи макру фитнаро ман надарам, кӣ медарад?**
**То паси парда ошкор ман накунам, кӣ мекунад?**

**Марги ситамгарони дад ман надиҳам, кӣ медиҳад?**
**Ҳифзи ситамкашони хор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Заҳру зуқуми асрро ман начашам, кӣ мечашад?**
**Заҳр зи нӯш ихтисор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Нони ҳалоли умрро ман нахӯрам, кӣ мехӯрад**
**В-аз амали худ ифтихор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Дил ба ғами Ватан фигор ман накунам, кӣ мекунад?**
**Ҷон ба раҳи Ватан нисор ман накунам, кӣ мекунад?**

**Ғаффор МИРЗО**